ФИЛИАЛИ ТОҶИКИИ АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ СССР
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, ЗАБОН ВА АДАБИЁТ

ЛУҒАТИ ҲАРБИИ РУСӢ-ТОҶИКӢ

ВОЕННЫЙ РУССКО-ТАДЖИКСКИЙ СЛОВАРЬ

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
СТАЛИНОБОД 1943

EB_1942_AKS_745

ФИЛИАЛИ ТОҶИКИИ АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ СССР
ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, ЗАБОН ВА АДАБИЁТ

ЛУҒАТИ ҲАРБИИ РУСӢ-ТОҶИКӢ

ТАРТИБДИҲАНДАГОН
Н. Н. ЕРШОВ, Ч. ИКРОМӢ,
А. З. РОЗЕНФЕЛЬД, Ҳ. ЮСУФӢ

КОНСУЛЬТАНТ
полковник Г. И. ШАЙПАК

Дар зери таҳрири умумии
академик—врачи корпус
Е. Н. ПАВЛОВСКИЙ

Луғат тахминан аз 4.000 калима ва терминҳои соҳаҳои асосии кори ҳарбӣ иборат аст

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН
Сталинобод 1942

ТАДЖИКСКИЙ ФИЛИАЛ АКАДЕМИИ НАУК СССР
ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ

ВОЕННЫЙ РУССКО-ТАДЖИКСКИЙ СЛОВАРЬ

СОСТАВИЛИ
Н. Н. ЕРШОВ, Дж. ИКРАМИ,
А. З. РОЗЕНФЕЛЬД, Х. ЮСУФИ

КОНСУЛЬТАНТ
полковник Г. И. ШАЙПАК

Под общей редакцией
академика—корврача
Е. Н. ПАВЛОВСКОГО

Словарь содержит около 4.000 слов и терминов из основных областей военного дела

ГОСИЗДАТ ТАДЖИКИСТАНА
Сталинабад 1942

МУҚАДДИМА

Ин луғат ба назди худ мақсад мегузорад, ки ба аскари сурхи тоҷик, ба допризивник ё ба ҷанговари таълими умумии ҳарбӣ бароҳ азхуд кардани калимаҳои ҳарбии русӣ ёрмандӣ расонад, инчунин ба командирҳо ва коркунони политикии қисмҳои ҳарбии миллӣ-тоҷикӣ ёрдам диҳад, ки онҳо бо ҷанговарони забони русиро бад медонистаӣ гуфтугӯ карда тавонанд. Луғат на фақат калимаҳои характери махсуси ҳарбӣ доштагӣ, балки як қатор суханҳоеро низ дарбар мегирад, ки онҳо вобаста ба кор, фаолият ва ҳаёти кӯшун ҳамеша кор фармуда мешаванд.

Муаллифони луғат барои забони тоҷикӣ муқаррар кардани ин ё он калимаҳои ҳарбиро ба худ мақсад намондаанд. Луғат калимаҳои кайҳо мавҷуд будагиро қайд менамояд, вале дар мавридҳои мавҷуд набудани онҳо тарҷимаи калимаҳои русӣ ба забони тоҷикӣ дода мешавад, ё ки худи калимаи русӣ монда шуда, дар айни ҳол маънои вай баён карда мешавад.

Дар вақти тартиб додани луғат аз тарафи муаллифҳо дар қатори материалҳои дигар, луғати ҳарбии русӣ-туркӣ, ки аз тарафи П. С. Бочкарёв тартиб дода шуда, дар соли 1940 нашр карда шудааст, луғати ҳарбии финӣ-русӣ ва русӣ-финӣ, ки аз тарафи М. ва Г. Таухо тартиб дода шуда, дар соли 1935 нашр карда шудааст, луғати ҳарбии русӣ-французӣ, ки аз тарафи А. И. Садов ва Флерова тартиб дода шуда, дар соли 1940 аз тарафи Академияи Артиллерияи Армияи Сурх ба номи Дзержинский дар Москва нашр карда шудааст, инчунин уставҳои АСКД истифода карда шуданд.

Аз луғат чӣ тавр фоида бурдан даркор?

1. Тамоми калима ва терминҳо қатъиян мувофиқи тартиби алфавитӣ, аз рӯи калимаҳои асосӣ гузошта шудаанд.

2. Мафҳумҳои мураккабро, монанди **Воздушний флот**, дар калимаи **Флот**, яъне дар исм дидан лозим аст.

3. Дар мавридҳое, ки калимаи русӣ ду ё се маънӣ дорад, онгоҳ ҳар як маънои вай бо рақамҳо ҷудо карда шудааст.

4. Феълҳо дар шакли тамомшуда ва тамом нашудагиашон дар луғат қайд шуда, тарҷимаашон ҳамроҳ бо шакли тамом нашудагии феъл дода шудааст.

5. Дараҷа ва унвонҳои АСКД дар охири луғат ба шакли илова дода шудаанд.

АЛФАВИТИ РУСӢ

Аа	Бб	Вв	Гг	Дд	Ее	Жж	Зз
Ии	Йй	Кк	Лл	Мм	Нн	Оо	Пп
Рр	Сс	Тт	Уу	Фф	Хх	Цц	Чч
Шш	Щщ	Ъъ	Ыы	Ьь	Ээ	Юю	Яя

Авторҳо.

ПРЕДИСЛОВИЕ

Данный словарь ставит себе целью помочь таджику—красноармейцу, допризывнику или бойцу всевобуча усвоить русскую военную терминологию, а также помочь командирам и политработникам таджикских национальных частей объясняться с бойцами, плохо владеющими русским языком. В словарь включены термины не только специального, военного характера, но также и ряд других слов, постоянно употребляемых в связи с деятельностью и жизнью войск.

Авторы словаря не ставили перед собой задачи установления тех или иных военных терминов для таджикского языка. В словаре фиксируются уже существующие термины, а в тех случаях, когда их нет, дается перевод русских терминов на таджикский язык или же оставляется русский термин, при чем в таких случаях дается его объяснение.

При составлении словаря авторами использованы, в числе других материалов, военный русско-турецкий словарь, составленный П. С. Бочкаревым, изд. 1940 г., военный финско-русский и русско-финский словарь, составленный М. и Г. Тау, изд. 1935 г., русско-французский военный словарь, составленный А. И. Садовым и Флеровой, изд. Артиллерийской Академии Красной Армии им. Дзержинского, Москва, 1940 г., а также уставы РККА.

Как пользоваться словарем

1. Все слова и термины расположены в строго алфавитном порядке, по основному слову.

2. Сложные понятия, как например, **Воздушный флот**, следует искать под словом **Флот**, т. е. под существительным.

3. В тех случаях, когда русское слово имеет два или три значения, каждое значение разделяется цифрами.

4. Глаголы даны как совершенного, так и несовершенного вида, причем перевод дается при глаголах несовершенного вида.

5. Чины и звания РККА даны в конце словаря в виде приложения.

РУССКИЙ АЛФАВИТ

Аа	Бб	Вв	Гг	Дд	Ее	Жж	Зз
Ии	Йй	Кк	Лл	Мм	Нн	Оо	Пп
Рр	Сс	Тт	Уу	Фф	Хх	Цц	Чч
Шш	Щщ	Ъъ	Ыы	Ьь	Ээ	Юю	Яя

Авторы

А

Авангард авангард, пешгард, пешҷанг; як қисми лашкар ё флот, ки пеш-пеши қувваҳои асосӣ меравад.

Аванпост аванпост: 1) пешқаровул; 2) пешқаровулгоҳ.

Авария авария: фалокат ва шикасти киштиҳо, самолётҳо ва ғайра.

Авиабаза авиабаза: базаи авиационӣ, базаи ремонт ва таъминоти самолётҳо.

Авиабомба авиабомба: бомбае, ки аз болои самолёт партофта мешавад.

Авиадесант десанти ҳавой: дастаи аскарон, ки бо самолёт бурда ба ақибгоҳи душман фуровард мешавад.

Авиазвено авиазвено: дастаи самолётҳо, ки қисми хурдтарини полки авиационӣ мебошад ва аз 3 самолёт иборат аст.

Авиаматка авиаматка: киштие, ки дар саҳни болои худаш барои парвоз кардан ва нишастани самолётҳо майдонча дорад, ва самолётҳо бо ҳар чиз аз ин киштӣ таъмин шуда дар баҳри кушод амал карда метавонанд.

Авианосец *нигар ба* авиаматка.

Авиапочта авиапочта, почтаи ҳавоӣ.
Авиация авиация: 1) ҳавопаймоӣ; 2) дастаи самолётҳо, ҷамъи самолётҳо.
Авиация бомбардировочная авиацияи бомбаандоз, авиацияи бомбапарто.
Авиация военная авиацияи ҳарбӣ.
Авиация гражданская авиацияи граждани: авиацияе, ки ба корҳои ғайриҳарбӣ истифода карда мешавад.
Авиация истребительная авиацияи қиркунанда.
Авиация лёгкая авиацияи сабук (*самолётҳое, ки то 500 клгр. бор бардошта метавонанд*).
Авиация санитарная авиацияи санитарӣ: самолётҳо барои корҳои медициниӣ.
Авиация штурмовая авиацияи ҳуҷумкунанда: самолётҳое, ки аз масофаи на он қадар баланд ба объектҳои дар замин будаи душман ҳуҷум мекунанд ва аксар бар зидди қувваҳои зиндаи душман амал мекунанд.
Авиашкола мактаби авиационӣ, мактаби ҳавопаймоӣ.
Авиетка авиетка: самолёти сабуки яккаса.
Автовзвод автовзвод, взводи автомобилӣ.
Автоколонна колоннаи автомобильҳо, қатори автомобильҳо.
Автомат автомат: 1) аппарате, ки бо қувваи

механизми дарунии худ кор мекунад;
2) *нигар ба* ружьё автоматическое.

Автоматический автоматӣ, аз худ ҳаракаткунанда.

Автоматчик автоматчӣ.

Автомобиль автомобиль.

Автомобиль броневой автомобили зиреҳпӯш.

Автомобиль грузовой автомобили боркаш.

Автомобиль легковой автомобили сабукрав.

Автомобиль санитарный автомобили санитарӣ.

Автомобильный мансуб ба автомобиль.

Автострада автострада: роҳи автомобилии васеъ аст, ки аз кӯндалангиаш бо роҳи дигар бурида намешавад ва дар замони ҷанг барои ҳаракати аскарҳо хизмат мекунад.

Автотранспорт автотранспорт, транспорти автомобилӣ.

Автоцистерна автоцистерна: автомобили махсусе, ки бензин, нефть ва ғайра мекашонад.

Агент (*шпион*) агент, ҷосӯс.

Агент (*представитель*) вакил, намоянда.

Агитатор агитатор.

Агитация агитация.

Агитснаряды снарядҳои агитационӣ: снарядҳое, ки таркида ба болои аскарони душман варақаҳои агитационӣ мепошанд.

Агитировать агитация кардан, тарғиб кардан.

Агрессия агрессия, истилогарӣ: ҳуҷуми таҷовузкоронаи мамлакатҳои капиталистӣ барои забт кардани мамлакатҳои дигар.

Агрессор агрессор, агрессиякунанда, истилогар.

Адамсит адамсит: моддаи заҳрноки ҷангӣ, ки ба ҷилди обдиҳандаи чашм, бинӣ ва даҳон таъсир мекунад.

Административный маъмурӣ.

Администрация маъмурият.

Адмирал адмирал: 1) мансаби олӣ дар қорҳои ҳарбии баҳрӣ; 2) фармондеҳи эскадра.

Адрес адрес, унвон.

Адъютант адъютант: шахси ҳарбие, ки дар пеши ягон сардор истода супоришҳои онро ичро мекунад.

Азбука Морзе алифбои Морзе: алифбои шартӣ, ки аз нуқта ва тиреҳо иборат буда дар аппарати Морзе (*телеграф*) кор фармуда мешавад.

Азимут азимут: кунҷаке, ки ба ҷиҳати шимол ва ба ҷиҳати нуқтаи муайян кашида мешавад.

Азот азот: гази беранги бебӯй аст, ки ба таркиби ҳаво медарояд.

Аккумулятор аккумулятор: асбобест, ки дарунаш вай қувваи электрикӣ ҷой карда шудааст, ва ҳамчун манбаи қувваи электрик кор фармуда мешавад.

Алюр гашти асп.
Альпинист альпинист, кӯҳгард.
Алюминий алюминий: металли нуқраранги сабук ва мустаҳкам, ки дар саноати ҳарбӣ, махсусан дар самолётсозӣ, истеъмол мешавад.
Амбразура амбразура: шикоф, сӯрох барои тӯппарронӣ ва пулемётпарронӣ дар девори қалъа ё бурҷи киштӣ ва ғайра.
Амуниция амуниция: абзоли ҳарбӣ, абзол.
Амуниция конская абзоли аспӣ.
Амфибия амфибия: навъи самолёт, ки ҳам ба хушкӣ, ҳам ба рӯи об нишаста ва аз он ҷо парида метавонад.
Ангар ангар: бино барои истодан ва нигоҳ доштани самолётҳо.
Анемометр анемометр: асбобест барои санҷидани қувва ва тезии шамол ва ҳаракати газҳои ба воситаи қубурҳо мегузаштагӣ.
Антенна антенна: симе, ки дар ҳаво барои дошта гирифтани мавҷҳои радио дар нӯги хода овехта мешавад.
Аппарат радио-передаточный аппарати радиошунавонӣ.
Аппарат сигнальный аппарати сигналдиҳӣ.
Аптека аптека, дорухона.
Армейский мансуб ба лашкар, ба армия, ба қӯшун.
Армия армия, лашкар, қӯшун.

Армия белая армияи сафед, лашкари сафед.
Армия действующая армияи амалкунанда.
Армия конная армияи савора, лашкари савора, қӯшуни савора.
Армия Красная Армияи Сурх, Лашкари Сурх.
Армия механизированная армияи механиконидашуда: лашкари бо ҳар хел қуввахои механикӣ, бо машинаҳо таъмин кардашуда.
Армия народная армияи халқ, лашкари халқ.
Армия постоянная армияи доимӣ, лашкари доимӣ.
Армия регулярная армияи низомӣ, лашкари низомӣ.
Арсенал қӯрхона, яроқхона.
Артерия артерия, раги шараён: раге, ки хуни тозаро аз дил ба узвҳои дигари бадан мерасонад.
Артиллерийская группа дальнего действия (ДД) дастаи артиллерӣ, ки душманро аз дур мезанад; артиллерияи дурзан.
Артиллерийская группа поддержки пехоты (ПП) дастаи артиллерӣ, ки бо қисмҳои пиёда якҷоя амал мекунад (*ба пиёдааскар мадад мерасонад*).
Артиллерийский мансуб ба артиллерия, артиллерӣ.
Артиллерист артиллерист, тӯпчӣ.

Артиллерия артиллерия: 1) маҷмуи тӯпҳои гуногун, тӯпҳо; 2) аскарони тӯпандоз.
Артиллерия береговая артиллерияи соҳилӣ.
Артиллерия главная артиллерияи калон: тӯпҳои калон, ки дар линкорҳо ва крейсерҳо гузошта мешаванд.
Артиллерия горная артиллерияи кӯҳӣ.
Артиллерия дальнего действия (ДД) артиллерияи дурзан.
Артиллерия зенитная артиллерияи зенитӣ, артиллерияи самолётзан.
Артиллерия конная артиллерияи савора.
Артиллерия лёгкая артиллерияи сабук.
Артиллерия морская артиллерияи баҳрӣ.
Артиллерия моторизованная артиллерияи моторӣ.
Артиллерия полевая артиллерияи даштӣ.
Артиллерия полевая тяжёлая артиллерияи даштии вазнин.
Артиллерия противотанковая артиллерияи зиддитанк, артиллерияи танкзан.
Артиллерия средняя артиллерияи миёнакалибр.
Артиллерия тяжёлая артиллерияи вазнин.
Арьергард арьергард, аскари пуштибон, пасқаровул: қисми лашкар, ки акибнишинии қувваҳои асосиро таъмин карда бо душмани ҳуҷум карда истодагӣ ҷанг мекунад.

Атака атака, ҳамла, ҳуҷум.
Атака воздушная ҳуҷуми ҳавоӣ.
Атака газовая ҳуҷум бо газҳо.
Атака кавалерийская атакаи саворагон, ҳуҷуми саворагон.
Атака комбинированная атакаи муштаракона, ҳуҷуми муштаракона: ҳуҷуме, ки дар ваӣ навъҳои гуногуни аскар баробар иштирок мекунанд.
Атака конная *нигар ба* атака кавалерийская.
Атака лобовая атакаи рӯ ба рӯ, ҳуҷуми рӯ ба рӯ.
Атака ложная атакаи сохта, ҳуҷуми сохта.
Атака минная ҳуҷум бо минаҳо.
Атака ночная атакаи шабона, ҳуҷуми шабона, шабохун.
Атака пехотная ҳуҷуми аскарони пиёда, атакаи аскарони пиёда.
Атака подводных лодок атакаи киштиҳои зериобӣ, ҳуҷуми киштиҳои зериобӣ.
Атака танковая атакаи танкҳо, ҳуҷуми танкҳо.
Атака фланговая атакаи флангӣ, ҳуҷуми флангӣ.
Атака фронтальная *нигар ба* атака лобовая.
Атака химическая атакаи химиявӣ, ҳуҷуми химиявӣ.
Атака штыковая атакаи найзагӣ, ҳуҷуми найзазанӣ.

Атаковать атака кардан, ҳуҷум кардан, ҳамла кардан.
Аэробомба *нигар ба* авиабомба.
Аэродром аэродром, қароргоҳи самолётҳо.
Аэроплан аэроплан, самолёт.
Аэропорт аэропорт, қароргоҳи калони самолётҳо.
Аэростат аэростат, болуни ҳавой.
Аэростат наблюдательный аэростати дидбоникунанда.
Аэрофотоснимок фотографияи аэропланӣ: сурате, ки аз болои аэроплан ба воситаи фотография гирифта шудааст.
Аэрофотосъемка суратгирӣ аз болои самолёт.

Б

База база: ҷои амборҳои лавозимоти ҳарбӣ ва устохонаҳо.
База авиационная *нигар ба* авиабаза.
База морская базаи баҳрӣ.
База пловучая базаи шиновар.
База продовольственная базаи озуқа ва хӯрокворӣ.
Бак бак: зарфи калони даҳанмаҳкам барои чизҳои обакӣ.
Бак для горючего баки сӯзишворӣ.
Баклажка обдон.
Балка 1) болор; 2) сой, оббурда.

Балласт балласт: 1) боре, ки мувозинати кишти-ро нигоҳ медорад; 2) халтаҳои пуррег, ки ба аэростат бор карда мешаванд ва барои баландтар парвоз карданаш аз вай партофта мешаванд; 3) сангреза барои мустаҳкам кардани пуштаи роҳи оҳан.

Баллистика баллистика: илмест, ки парвози тири тӯпро меомӯзад.

Баллон баллон: 1) зарфи шикамдори даҳантанг барои нигаҳдории газҳо ва тезобҳо; 2) болуни ҳавоӣ.

Баллон газовый баллони газ.

Баллон с кислородом баллони кислород.

Банда дастаи ғоратгарон, дастаи босмачиён.

Бандит бандит, ғоратгар, босмачӣ.

Банник банник: лифи дастадароз барои тоза кардани мили тӯп.

Баня ҳаммом.

Барабан нағора.

Барабан револьвера барабани таппонча, тирдони таппонча.

Барабанщик нағорачӣ, нағоразан.

Барак барак: казармаи муваққатии тахтагӣ.

Баранка руля чархи руль.

Барометр барометр, ҳавосанҷ.

Баррикада баррикада, сангар, кӯчабандӣ.

Барьер монеа, ғав, чӯббандӣ.

Бассейн 1) ҳавз; 2) ҳавза.

Бастион бастион: истеҳкоми хурди панҷгӯша.

Батальон батальон: ҷузъи полк, ки аз чанд рота иборат аст.
Батальон автомобильный батальони автомобилӣ.
Батальон инженерный батальони инженерӣ.
Батальон пехотный батальони аскарони пиёда.
Батальон пулемётный батальони пулемётчиён.
Батальон сапёрный батальони сапёрҳо *(нигар сапёр)*.
Батальон связи батальони алоқа.
Батальонный 1) батальонӣ, мансуб ба батальон; 2) командири батальон.
Батарейный мансуб ба батарея.
Батарея батарея: дастаи артиллерӣ, ки одатан аз чор тӯп иборат мебошад.
Батарея береговая батареяи соҳил.
Батарея горная батареяи кӯҳӣ.
Батарея зенитная батареяи зенитӣ, батареяи самолётзан.
Батарея конная батареяи аскарони савора.
Батарея лёгкая батареяи сабук.
Батарея полевая батареяи даштӣ.
Батарея тяжелая батареяи вазнин.
Башня бурҷ.
Башня броневая бурҷи зиреҳпӯш.
Башня танка бурҷи танк.
Бдительность ҳушьёрӣ.

EB_1942_AKS_745

Бдительный ҳушьёр.
Бегом марш! давед!
Бегство гурез, фирор.
Бедро рон, сурин.
Бежать гурехтан, фирор кардан, давидан.
Беженец гуреза, фирорӣ.
Безветрие бешамолӣ.
Безвредный безарар.
Бездорожье бероҳагӣ.
Безопасный бехатар.
Безоружный беярок.
Безостановочно ноист, беист, муттасил.
Белогвардеец белогвардеец, гвардиячии сафед.
Белоэмигрант белоэмигрант, муҳоҷири сафед.
Белый сафед.
Бельё курта-эзор.
Бельё постельное рӯиҷой, рӯиҷо.
Бензин бензин.
Бензинохранилище амбори бензин.
Бензол бензол: обакии бераиги даргирандан тундбӯест, ки дар истеҳсоли моддаҳои тарканда ба кор меравад.
Берег соҳил, канор, лаби об.
Береговой соҳилӣ, мансуб ба соҳил.
Беспрерывный беором, муттасил, якзайл, пай дар пай.
Бетон бетон: омехтаи хамири цемент бо ре-

гу дажғол аст, ки чун материали бинокорӣ кор фармуда мешавад.

Библиотека китобхона.

Бикфордов шнур пилтаи бикфорд: пилтаест, ки барои оташ додани чизҳои тарканда кор фармуда мешавад.

Билет воинский билети ҳарбӣ, дафтарчаи ҳарбӣ.

Бинокль бинокль, дурбин.

Бинокль полевой бинокли калон, дурбини калон.

Бинт бинт, дока.

Биплан биплан: аэроплани дуқаната.

Битва ҷанг, задухӯрд, муҳориба, корузор.

Бить задан.

Благодарю раҳмат, ташаккур мекунам.

Блиндаж блиндаж; истеҳком, окопи болопӯшидаи бомаш тири тӯп ногузар, ки аскарон дар он ҷо истироҳат мекунанд.

Блокада блокада, муҳосира.

Блокировать муҳосира кардан.

Боёк неши зарбазанаки затвор.

Боеприпасы лавозимоти ҷангӣ.

Боеспособность қобилияти ҷангӣ.

Боеспособный ба ҷанг қобил, қобили ҷанг.

Боец ҷанговар.

Бой ҷанг.

Бой артиллерийский ҷанги артиллерӣ, тӯппарронӣ.

Бой арьергардный ҷанги арьергардӣ, ҷанги пуштибонӣ: ҷанге, ки бо мақсади таъмин намудани ақибнишинии қувваҳои асосӣ карда мешавад.
Бой воздушный ҷанги ҳавоӣ.
Бой встречный ҷанги пешвозӣ: ҷанги ду колонна, ки ба ҳамдигар дучор омада бошанд.
Бой морской ҷанги баҳрӣ.
Бой наступательный ҷанги ҳуҷумоварона.
Бой наземный ҷанги рӯи заминӣ.
Бой ночной ҷанги шабона.
Бой оборонительный ҷанги мудофиавӣ.
Бой рукопашный ҷанги тан ба тан, ҷанги даст ба гиребон.
Бой танковый ҷанги танкҳо.
Бой уличный ҷанги кӯчагӣ.
Бой штыковой ҷанги сарнайзагӣ, ҷанги найзагӣ.
Бойница *нигар ба* амбразура.
Бойня *(побоище)* кушокушӣ.
Бок паҳлу.
Болото ботқоқ, ботлоқ, лойқа.
Боль дард, озор.
Больница касалхона.
Больной касал, бемор.
Большевик большевик.
Большинство аксарият.
Бомба бомба.

Бомба авиационная бомбаи авиационӣ.
Бомба аэрохимическая бомбаи аэрохимикӣ.
Бомба бронебойная бомбаи зиреҳшикан.
Бомба глубинная бомбаи қаъриобӣ.
Бомба дымовая бомбаи дудпош.
Бомба зажигательная бомбаи даргиронанда, бомбаи сӯзонанда.
Бомба замедленного действия бомбаи дерамал.
Бомба немедленного действия бомбаи зудамал, бомбаи зудкафанда.
Бомба осветительная бомбаи равшанкунанда, бомбаи рӯшноидиҳанда.
Бомба осколочная бомбаи шикастпорапош.
Бомба термитная бомбаи термитӣ: бомбаи сӯзонанда, ки бо термит пур карда мешавад.
Бомба фугасная бомбаи фугасӣ: бомбае, ки бо қувваи газҳои аз таркиш пайдо мешудагиаш амал мекунад.
Бомба химическая бомбаи химикӣ.
Бомбардир тӯпчӣ.
Бомбардировать 1) (*с воздуха*) бомбаборон кардан; 2) (*из орудий*) ба зери тӯп гирифтан.
Бомбардировка бомбаборон, бомбапартоӣ, тӯппарронӣ.
Бомбардировка артиллерийская тӯппарронӣ, ба зери тӯп гирӣ.

Бомбардировка воздушная бомбаборони ҳавой.
Бомбардировщик самолёти бомбаандоз, самолёти бомбапарто.
Бомбардировщик лёгкий самолёти бомбаандози сабук.
Бомбардировщик средний самолёти бомбаандози миёнавазн.
Бомбардировщик тяжёлый самолёти бомбаандози вазнин.
Бомбить бомбаборон кардан.
Бомбовоз самолёти бомбакаш, самолёти бомбаандоз.
Бомбодержатель бомбадорак: асбобест, ки барои доштани бомба дар таги самолёт мешавад.
Борт девораи киштӣ ё самолёт, канораи киштӣ ё самолёт.
Бортмеханик бортмеханик: механике, ки ҳамроҳи лётчик дар самолёт мепарад.
Борьба мубориза; гӯштин, кашмакаш.
Ботинки батинка.
Брезент брезент.
Брешь шикоф, рахна, сӯрох.
Бригада бригада: 1) як қисми армия, ки иборат аз якчанд полкҳо ё батареяҳо мешавад; 2) қисме аз флот, ки иборат аз якчанд киштӣ мешавад.
Бригада авиационная бригадаи авиационӣ.

Бригада кавалерийская бригадаи саворагон, бригадаи аскарони савора.
Бригада мотомеханизированная бригадаи мотомеханизация кунондашуда.
Бригада особая бригадаи махсус.
Бригада отдельная бригадаи алоҳида.
Бригада пехотная бригадаи аскарони пиёда.
Бригада стрелковая бригадаи тирандозон, бригадаи аскарони тирандоз.
Бригада танковая бригадаи танкҳо.
Бригадный мансуб ба бригада.
Бритьё риштароши.
Брод гузаргоҳ, гузар.
Броневик автомобили зиреҳпӯш.
Бронемашина машинаи зиреҳпӯш, автомобили зиреҳпӯш.
Броненосец броненосец, киштии зиреҳпӯш.
Бронепоезд бронепоезд, поезди зиреҳпӯш.
Бронированный зиреҳпӯш.
Бронировать бо зиреҳ пӯшидан, зиреҳпӯш кардан.
Броня зиреҳ.
Бросок ҳаводиҳӣ, телакунӣ.
Бруствер окопа бруствери окоп, хокрези окоп.
Буксовать дар як ҷо чарх зада мондан (*дар бораи автомобиль*).
Бутылка с горючей жидкостью шишаи сӯзишворидор, шишаи танказан.

Бутылка с зажигательной смесью *нигар ба* бутылка с горючей жидкостью.
Быстроходный тезрав, тезгард.

В

Вагон вагон.
Вагон товарный вагони боркашӣ.
Вагон цистерна цистернавагон: вагони махсусе, ки дар он чизҳои обакиро мекашонанд.
Вал хокпушта, хокрез.
Вал (*тех.*) навард, тир.
Валенки валенки, мӯзаи намадин.
Вата пахта.
Ватерпас обтарозу.
Вахта вахта, навбатдорӣ: кори навбатдорӣ дар киштӣ.
Вдох нафаскашӣ.
Вдохнуть *нигар да* вдыхать.
Вдыхание нафаскашӣ.
Вдыхать нафас кашидан, кашидан.
Ведро сатил.
Велосипед велосипед.
Вентилятор вентилятор, ҳавотозакунак.
Вентиляция 1) ҳавотозакунӣ. 2) *нигар ба* вентилятор.
Вербовать в армию аскар гирифтан.
Вербовка аскаргирӣ.
Верёвка ресмон, банд, арғамчин.

Вереница қатор, қатора.
Вероятность попадания эҳтимоли тиррасӣ.
Верфь верфь: ҷои киштиремонткунӣ ва киштисозӣ.
Верховой савор.
Верховье реки болооби дарьё.
Верхом савора, аспакӣ.
Вершина қулла, сар.
Вес вазн, вазнинӣ.
Весло бел.
Вестовой қосид, хабаровар, хабаррасон.
Ветер шамол, бод.
Ветер боковой шамоли кӯндаланг.
Ветер встречный шамоли муқобил, боди мухолиф.
Ветер поперечный *нигар ба* ветер боковой.
Ветер попутный боди мувофиқ, боди мусоид.
Ветеран ветеран: аскари солхӯрда, аскари аз кор баромада.
Ветеринар доктори ҳайвонот.
Ветеринария тибби ҳайвонот.
Ветеринарный мансуб ба тибби ҳайвонот.
Ветка железнодорожная шохаи роҳи оҳан.
Ветромер бодсанҷ.
Ветроуказатель қаровулаки бод: асбоби ҷиҳат ва ҳаракати шамолро нишон медодагӣ.
Веха нишони роҳ: мех, ходача ва ғайра, ки барои нишон додани роҳ монда мешавад.

Вечер бегоҳӣ, шом.
Вешалка либосовезак.
Вещества боевые отравляющие моддаҳои заҳрноки ҷангӣ.
Вещества боевые отравляющие нестойкие моддаҳои заҳрноки ҷангии зудпар, моддаҳои заҳрноки ҷангии нопойдор.
Вещества боевые отравляющие стойкие моддаҳои заҳрноки ҷангии дерпоянда.
Вещества взрывчатые (В—В) моддаҳои тарканда.
Вещества отравляющие (ОВ) моддаҳои заҳрнок.
Вещества химические моддаҳои химикӣ.
Вещество модда.
Вещество смазочное моддаи равганӣ, равган.
Взаимодействие ҳаракати дутарафа, ҳаракати муштарака, ҳамкорӣ, якҷоя амалкунӣ.
Взвод взвод: ҷузъи рота, ки аз чанд отделения иборат аст.
Взвод автоматчиков взводи автоматчиён.
Взвод автомобильный взводи автомобилӣ.
Взвод артиллерийский взводи артиллерӣ.
Взвод боевой *(в винтовке)* дӯнгии куланг, ки ба дӯнгии пружинаи камонаки милтиқ андармоҳ шуда кулангро аз пеш рафтанаш дошта меистад.
Взвод предохранительный қулфи затвор.

Взвод кавалерийский взводи саворагон, взводи аскарони савора.
Взвод конных разведчиков взводи разведкачиёни савора.
Взвод курка курокбардорӣ, кулангбардорӣ.
Взвод маскировочный взводи маскировкакунандагон.
Взвод музыкантский взводи музикачиён.
Взвод пехотный взводи аскарони пиёда.
Взвод подрывной взводи таркишгарон.
Взвод прожекторный взводи прожекторӣ.
Взвод пулемётный взводи пулемётчиён.
Взвод разведывательный взводи разведкакунанда.
Взвод санитарный взводи санитарӣ.
Взвод сапёрный взводи сапёрҳо.
Взвод связи взводи алоқа.
Взвод стрелковый взводи тирандозон.
Взвод танковый взводи танкҳо.
Взвод химический взводи химикӣ.
Взводить курок курокро бардоштан, кулангро бардоштан.
Взлёт парвоз.
Взлетать парвоз кардан, паридан.
Взлететь *нигар ба* взлетать.
Взнуздать лаҷом кардан.
Взорвать *нигар ба* взрывать.
Взорваться *нигар ба* взрываться.
Взрыв таркиш.

Взрыв неполный таркиши нопурра.
Взрыватель тарконак.
Взрыватель дистанционный тарконаки дистанционӣ: тарконаке, ки снарядро дар масофаи муаӣян метарконад.
Взрыватель замедленного действия тарконаки дерамал.
Взрыватель мгновенного действия тарконаки зудамал.
Взрыватель немедленного действия тарконаки зудамал, *нигар ба* взрыватель фугасный.
Взрыватель фугасный тарконаки фугасӣ: тарконаке, ки ба чизе бархӯрда мекафад.
Взрывать таркондан, кафондан.
Взрываться таркидан, кафидан,
Взрывчатый тарканда.
Взыскание административное ҷазои маъмурӣ.
Взыскание дисциплинарное ҷазои интизомӣ.
Взять ногу! поятонро дуруст кунед!
Взять под обстрел ба зери тир гирифтан, ба зери тӯп гирифтан.
Вибрация вибрация, ларзиш.
Видимость аёнӣ, намоёнӣ, дидашавандагӣ.
Винт (*тех.*) винт, мехи печдор, мурват.
Винт самолёта парвонаи самолёт, пропеллер.
Винт парохода пари киштӣ, парраи киштӣ, парвонаи киштӣ.

Винт упора такьямех.
Винт хвостовой винти поён (*дар милтиқ*).
Винтовка винтовка, милтиқ.
Винтовка автоматическая милтиқи автомат.
Винтовка магазинная милтиқи панҷтира.
Винтовка малокалиберная милтиқи хурдкалибр.
Винтовка мелкокалиберная *нигар ба* винтовка малокалиберная.
Винтовка самозарядная милтиқи нимавтомат: милтиқе, ки худаш пур мешавад, вале дар ҳар бори парронданкамонаки онро зер кардан лозим меояд.
Винтовка снайперская винтовкаи снайперӣ, милтиқи снайперӣ.
Винтовка с отомкнутым штыком милтиқи бесарнайза, милтиқи сарнайзааш гирифташуда.
Винтовка с примкнутым штыком милтиқи сарнайзааш гузошташуда.
Винтовка учебная милтиқи таълимӣ.
Вице-адмирал вице-адмирал: ҷонишини адмирал, муовини адмирал.
Вклинивание зада даромадан, бурида даромадан, рахна карда даромадан.
Вклиниваться зада даромадан, бурида даромадан, рахна карда даромадан.
Вклиниться *нигар ба* вклиниваться.
Влажность рутубатнокӣ, намнокӣ.

Власть 1) ҳокимият, ҳукмронӣ; 2) ҳукумат.
Вместимость гунҷоиш.
Вместить *нигар ба* вмешать.
Вмещать гунҷондан, бурдан.
Внезапный ногаҳонӣ.
Внеочередной ғайринавбатӣ.
Внешний берунӣ, зоҳирӣ.
Вниз по течению ба рафти об.
Внимание! диққат!
Внутренний дохилӣ, дарунӣ.
Вода об.
Вода питьевая оби нӯшиданӣ.
Водитель машины идоракунандаи машина, машинарон.
Водитель танка идоракунандаи танк, танкрон.
Водоворот гирдоб.
Водоём ҳавз.
Водоизмещение ҳаҷми киштӣ, зарфияти киштӣ.
Водолаз ғаввос.
Водонепроницаемый обногузар.
Водопад обшор, шалола, шаршара.
Водопой обхӯра.
Водопровод водопровод.
Водораздел обҷудокун: баландӣ ё кӯҳе, ки ду ва ё якчанд ҳавзаҳои дарьёхоро аз ҳам ҷудо мекунад.
Водород водород.

Воевать ҷанг кардан, ҷангидан.
Военачальник сараскар.
Военизация военизация: 1) омӯзиши ҳарбӣ; 2) ҳарбикунонӣ.
Военком *(военный комиссар)* военком *(комиссари ҳарбӣ)*.
Военкомат *(военный комиссариат)* военкомат *(комиссариати ҳарбӣ)*.
Военкор мухбири ҳарбӣ.
Военнопленный асир, асири ҳарбӣ.
Военнослужащий коркуни ҳарбӣ.
Военный ҳарбӣ, одами ҳарбӣ.
Военрук военрук, роҳбари ҳарбӣ.
Вожак роҳбар, сардор.
Вождь пешво.
Воз ароба.
Возводить укрепления истеҳком бино кардан, истеҳком сохтан.
Возвратиться *нигар ба* возвращаться.
Возвращаться баргаштан, гашта омадан.
Возвышенность баландӣ.
Воздействие моральное таъсири маънавӣ, таъсири рӯҳӣ.
Воздух ҳаво.
Воздухонепроницаемый ҳавоногузар.
Воздухоплавание ҳавопаймоӣ.
Воздухоплавательный мансуб ба ҳавопаймоӣ.
Воззвание хитобнома
Возможность имконият.

Возможность попадания имконияти ба ҳадаф расӣ, имконияти ба нишон расӣ.
Вознаграждение мукофот.
Возраст син.
Возраст призывной синни даъватшавӣ.
Воин аскар, одами ҳарбӣ.
Воинский аскарӣ, ҳарбӣ.
Воинская повинность маҷбурияти ҳарбӣ.
Воинственность ҷанговарӣ, ҷангҷӯӣ.
Воинственный ҷанговар, ҷангҷӯй.
Воинствующий ҷанговар.
Войлок намад.
Война ҷанг, ҳарб, муҳориба.
Война агрессивная ҷанги истилогарона.
Война бактериологическая ҷанги бактериологӣ: ҷанге, ки ба воситаи паҳн кардани микробҳои касалиҳои гузаранда бурда мешавад.
Война воздушная ҷанги ҳавой.
Война гражданская ҷанги граждани.
Война империалистическая ҷанги империалистӣ.
Война маневренная ҷанги маневрӣ: ҷанге, ки бе истеҳкомоти доимӣ бурда мешавад ва фавҷҳои аскар бо мақсади ишғол намудани мавқеи фоиданоктар ба ҳар тараф тез-тез ҳаракат мекунанд.
Война мировая ҷанги ҷаҳон.
Война на два фронта ҷанг дар ду фронт.

Война национальная ҷанги миллӣ.
Война оборонительная ҷанги мудофиавӣ.
Война окопная ҷанги окопӣ.
Война оккупационная ҷанги забткорона.
Война освободительная ҷанги озодкунӣ, ҷанги озодкунанда.
Война отечественная ҷанги ватанӣ.
Война партизанская ҷанги партизанӣ.
Война позиционная ҷанги позиционӣ: ҷанги дуру дарози камҳаракат, ки тарафайн дар истеҳкомҳо рӯ ба рӯи ҳамдигар дергоҳ истода задухӯрд мекунанд.
Война торговая ҷанги тиҷоратӣ.
Война тотальная ҷанги куллӣ, ҷанги тоталӣ.
Война химическая ҷанги химиявӣ.
Войска қӯшун, аскар, лашкар.
Войска авиационные қӯшуни авиационӣ.
Войска автоброневые қӯшуни автозиреҳпӯшдор.
Войска вспомогательные қӯшуни ёридиҳанда.
Войска гарнизонные қӯшуни гарнизонӣ.
Войска десантные қӯшуни десантӣ.
Войска железнодорожные қӯшуни роҳи оҳан.
Войска запасные қӯшуни запас, қӯшуни эҳтиётӣ.
Войска инженерные қӯшуни инженерӣ.
Войска иррегулярные қӯшуни ғайринизомӣ.

EB_1942_AKS_745

Войска мотомеханизированные қӯшуни мотомеханиконидашуда.
Войска пограничные қӯшуни сарҳад.
Войска регулярные қӯшуни низомӣ.
Войска резервные қӯшуни эҳтиётӣ, қӯшуни захиравӣ.
Войска сапёрные қӯшуни сапёрӣ: қӯшуне, ки ба истеҳкомсозӣ, пулсозӣ ва ғайра машғул мешавад.
Войска связи қӯшуни алоқа.
Войска сухопутные қӯшуни хушкигард.
Войска территориальные қӯшуни территориалӣ: қӯшунест, ки дар ягон кишвар истиқомат карда аз халқҳои маҳаллии он кишвар ташкил меёбад ва бо ҳаёти хоҷагии он кишвар алоқадор аст.
Войска химические қӯшуни химиявӣ.
Вокзал вокзал
Волна мавҷ.
Волна взрывная мавҷи таркиш.
Волна воздушная мавҷи ҳаво.
Волна газовая мавҷи газ.
Волна длинная мавҷи калон.
Волна короткая кӯтоҳ.
Волна радио мавҷи радио.
Волонтёр волонтёр, фидоӣ, аскари ихтиёрӣ.
Вольно! роҳат!
Вольтижировка вольтижировка: ҳаракатҳои

гуногуни гимнастикӣ дар болои асп дар аснои тохти асп.

Воля ирода.

Воля к победе иродаи ғалаба, азми ғалаба.

Вольнонаёмный коркуни озод.

Вооружать мусаллаҳ кардан, яроқнок кардан.

Вооружаться мусаллаҳ шудан, яроқнок шудан.

Вооружение аслиҳа, яроқ.

Вооружённый мусаллаҳ, яроқнок.

Вооружить *нигар ба* вооружать.

Воронка мёртвая фазои тирнорас: қисми фазое, ки ба он тири тӯпҳои зенитӣ намерасад.

Воронка от снаряда чуқурии кофтаи тири тӯп.

Ворошиловский стрелок тирандози ворошиловӣ.

Воспитание политическое тарбияи политикӣ.

Воспитание физическое тарбияи бадан, тарбияи ҷисмонӣ.

Воспламенение алангагирӣ, шӯълаваршавӣ.

Воспламенитель даргиронак.

Воспламениться *нигар ба* воспламеняться.

Воспламеняться даргирифтан, аланга гирифтан, шӯълавар шудан.

Воспламеняющийся аланга мегирифтагӣ, дармегирифтагӣ.

Восстановить *нигар ба* восстановлять.

Восстановлять барқарор кардан, аз сари нав сохтан.
Восставать шӯриш кардан.
Восстание шӯриш.
Восстать *нигар ба* восставать.
Восток шарқ.
Восточный шарқӣ.
Восход солнца баромадани офтоб, тулӯи офтоб.
Вошь шубуш.
Воюющий чангкунанда, чангида истода.
Вперед! ба пеш!
Вплавь шинокунон.
Впрыскивать ба зери пӯст ба воситаи сӯзан дору гузарондан.
Враг душман, хасм, адӯ.
Вражда душманӣ, адоват.
Враждебный душманона.
Враждовать душманӣ кардан, адоват кардан.
Врач врач, доктор.
Врач ветеринарный *нигар ба* ветеринар.
Врач главный врачи калон.
Врач дивизионный врачи дивизия.
Врач зубной доктори дандон.
Вращать гардондан, гирд гардондан, чарх занондан.
Вращаться гардонда шудан, чарх задан, гирд гаштан.
Вращающийся гирдгарданда, чархзананда,

Вред зарар.
Вредитель зараркунанда, зиёнкор.
Временный муваққат, муваққатӣ.
Время военное вақти ҷанг, замони ҷанг.
Время мирное замони осоиштагӣ, вақти сулҳ.
В ряды стройся! саф кашед!
Всадить *нигар ба* всаживать.
Всадник савора, аспакӣ.
Всаживать халондан.
Вскапывать кандан.
Вскопать *нигар ба* вскапывать.
Всплывать рӯи об баромадан.
Всплыть *нигар ба* всплывать.
Вспыхивать якбора аланга гирифтан, якбора даргирифтан.
Вспыхнуть *нигар ба* вспыхивать.
Вспышка огня аланга гирифтани оташ, даргирифтани оташ.
Вставать бархостан.
Встать *нигар ба* вставать.
Встать! хезед!
Встреча 1) вохӯрӣ, мулоқот; 2) пешвозгирӣ, истиқбол.
Встретить *нигар ба* встречать.
Встречать пешвоз гирифтан, вохӯрдан, мулоқот кардан.
Встретиться *нигар ба* встречаться.
Встречаться вохӯрдан, мулоқот кардан.
Вступать даромадан.

Вступить *нигар ба* вступать.
Вторгаться зада даромадан, ҳуҷум карда даромадан.
Вторгнуться *нигар ба* вторгаться.
Вторжение неприятеля зада даромадани душман, ҳуҷум карда даромадани душман.
Втулка 1) нойча, зуғӯта; 2) тиққонҷ.
Втянуть в войну ба ҷанг кашидан.
ВУС *(военно-учетная специальность)* ВУС *(ихтисоси ҳарбӣ)*.
Вход даромад.
Вчера дирӯз, дина, рӯзи гузашта.
Выбрать *нигар ба* выбирать.
Выбирать интихоб кардан, хоста гирифтан.
Выбор интихоб, интихобкунӣ.
Выбраковать лошадь аспро номуносиб дониста баровардан.
Выбрасыватель винтовки патронкашаки винтовка.
Выводить из боя аз майдони ҷанг берун кардан, аз майдони ҷанг баровардан.
Выводить из строя 1) аз саф берун кардан, аз саф баровардан; 2) аз кор баровардан.
Выгружать аз бор холӣ кардан, фуровардан *(борро)*.
Выгрузить *нигар ба* выгружать.
Выгружаться 1) фуроварда шудан, 2) фуромадан.
Выгрузиться *нигар ба* выгружаться.

Выдавать додан.
Выдать *нигар ба* выдавать.
Выдыхание нафасбарорӣ.
Выемка чуқурӣ, хамӣ, кофта.
Выждать мунтазир шуда комьёб шудан, интизорӣ кашида комьёб шудан.
Выжидать интизорӣ кашидан, мунтазир шудан.
Выздоравливать сеҳат шудан, тандуруст шудан.
Выздороветь *нигар ба* выздоравливать.
Вызывать ҷеғ задан.
Выйти *нигар ба* выходить.
Выйти из боя аз майдони ҷанг баромадан.
Выйти из строя 1) аз саф баромадан; 2) аз кор баромадан.
Вылазка хуруҷ.
Вылет самолёта парвози самолёт, паридани самолёт.
Вылетать парвоз карда баромадан, парида баромадан.
Вылететь *нигар ба* вылетать.
Вымпел вимпел: 1) қуттии хурдест, ки ба даруни он фармон ё маълумот гузошта мешавад ва онро ба лашкаргоҳ мепартоянд; 2) байрақи лабчоки киштӣ.
Вынести *нигар ба* выносить.
Выносить 1) баровардан; 2) тоқат кардан, тоб овардан; 3) аз сар гузарондан.

Выносливость тоқатоварӣ, тобоварӣ.
Вынужденный маҷбурӣ.
Вынь патроны! патронҳоро барор!
Выпад пешхамшавӣ.
Выполнение ичрокунӣ, бачооварӣ.
Выполнить *нигар ба* выполнять.
Выполняйте! ичро кунед!
Выполнять ичро кардан, бачо овардан.
Выправка қиёфат, рафтор.
Выпустить сар додан.
Высадиться *нигар ба* высаживаться.
Высадка на берег ба соҳил фурорӣ, ба соҳил фуроӣ.
Высадка воздушного десанта фуровардани десанти ҳавоӣ.
Высаживаться фуроварда шудан, фуромадан.
Выследить *нигар ба* выслеживать.
Выслеживать аз пай афтодан, таъқиб кардан, аз паӣ афтода ёфтан.
Выслужить срок службы муддати хизматро адо кардан.
Высота баландӣ.
Высота командная баландии ҳукмрон: баландие, ки аз он чо атроф хуб менамояд.
Выставить пост пост гузоштан.
Высотомер баландисанҷ, баландипаймо.
Выстраивать саф кашондан.
Выстраиваться саф кашидан, қатор шудан.
Выстроить *нигар ба* выстраивать.

Выстроиться *нигар ба* выстраиваться.
Выстрел 1) тирхоликунӣ; 2) тир.
Выстрел меткий тири мерганона, тири рост.
Выстрел холостой пахтапарронӣ.
Выстрелить тир холӣ кардан.
Выступ баромад, дӯнгӣ.
Выступ боевой дӯнгии сараки затвор.
Выступать в поход ба поход баромадан.
Выходить баромадан.
Вышка манора.
Вышка наблюдателя манораи дидбон.
Вышка парашютная манораи парашют.
Вышка сигнальная манораи сигналдеҳӣ.
Вьюга бӯрон, дама.
Вьюк бор.
Вьючная лошадь аспи боркаш.

Г

Гавань бандар, бандаргоҳ.
Газ газ.
Газ боевой гази ҷангӣ.
Газ веселящий гази хандаоваранда: газе, ки одамро ба ҳолати мастигарӣ медарорад.
Газ взрывчатый гази тарканда.
Газ горчичный *нигар ба* иприт.
Газ нарывной гази пӯстҷароҳаткунанда.
Газ нестойкий гази зудпар, гази нопойдор.
Газ слезоточивый гази ашковар.

Газ стойкий гази дерпоянда.
Газ удушающий гази буғикунанда, гази хафакунанда.
Газ чихательный гази атсаовар.
Газ ядовитый гази заҳрдор.
Газета газета, рӯзнома.
Газирование газдоркунӣ.
Газировать газдор кардан.
Газобаллон баллони газ.
Газо-бомбоубежище паноҳгоҳ аз газу бомба.
Газолин газолин: бензини тоза карда нашъуда.
Газонепроницаемый газногузар.
Газообразный газмонанд.
Газоопределитель газмуайянкунанда.
Газоотравленный заҳри газ хӯрда.
Газопровод газопровод: ғулбаи газгузарон.
Газораспылитель газпошак.
Газоубежище паноҳгоҳ аз газ.
Газы! газ! *(огоҳӣ дар бораи пайдо шудани газ).*
Галоп чорпо, чорхез.
Галуны калобатун.
Гараж гараж.
Гарнизон гарнизон: қисми аскарон, ки дар шаҳр ва ё қалъа меистад.
Гасить хомӯш кардан.
Гаубица гаубица: тӯпи вазнини кӯтоҳмил, ки

гулӯлааш бо хати камоншакл рафта ба ҳадаф мерасад.

Гаубица горная гаубицаи кӯҳӣ.

Гаубица лёгкая гаубицаи сабук.

Гаубица полевая гаубицаи даштӣ.

Гауптвахта гауптвахта: ҷои махсус барои нигоҳ доштани аскароне, ки интизоми ҳарбиро вайрон карда бошанд.

Гвардеец гвардиячӣ.

Гвардейский мансуб ба гвардия.

Гвардия гвардия: беҳтарин, маҳоратноктарин қисми аскарӣ.

Гвоздь мех.

Гегемония гегемония: бартарӣ, болодастӣ дар қувва ва нуфуз.

Гелий гелий: гази аз водород сабуктар, ки барои пур кардани халтаи дирижабль ба кор бурда мешавад.

Гелиограф гелиограф: асбоби оптикӣ аст, ки бо ойнаҳо акси офтобро ба дур фиристода дар байни қисмҳои аскарӣ ҳамчун воситаи алоқа хизмат мекунад.

Генералитет генералитет: ҳамаи мансабҳои олии аскарӣ.

География география.

Геодезия геодезия: илме, ки шакл ва андозаи заминро меомӯзад ва майдонҳои васеи рӯи заминро мепаймонад ва ба нақша мегирад.

Герметический герметикӣ: зич басташаванда, ҳавонагузаранда.
Героизм қаҳрамонӣ.
Герой қаҳрамон.
Герой Советского Союза Қаҳрамони Союзи Советӣ.
Геройский қаҳрамонона.
Геройство қаҳрамонӣ.
Гигиена гигиена, назофат.
Гидроплан гидроплан: аэроплани аз об бархоста ва ба об менишастагӣ.
Гидросамолёт гидросамолёт: *нигар ба* гидроплан.
Гильза гильза: нойчаи тир.
Гильза стреляная нойчаи тири парронданшуда.
Гимнастёрка гимнастёрка: куртаи ҳарбӣ.
Гимнастика гимнастика, варзиши бадан.
Глава сардор.
Главарь сардор, саркарда.
Главное Управление Государственной Безопасности Саруправлениями Бехатарии Давлатӣ.
Главнокомандующий сарфармондеҳ, фармондеҳи олӣ.
Главный 1) асосӣ; 2) сардор.
Гладкоствольный ҳамвормил: милтиқ ё тапончае, ки даруни милаш чок надорад.
Глаз чашм.

Глазомер назардид, дид.
Глиссер глиссер: кемаи такпаҳни пропеллердори тезрав.
Глицерин глицерин: равғанест, ки ба корҳои техникӣ ва медицинӣ сарф мешавад.
Глубина чуқурӣ, қаър.
Глубина фронта бари фронт, фарохии фронт.
Глубокий чуқур.
Глухой кар.
Глушитель мотора овозгираки мотор.
Гнать (*противника*) рондан, пеш кардан (*душмакро*).
Гнездо для патронов ҷои тирмонӣ дар окоп ё блиндаж.
Гнездо пулемётное лонаи пулемёт.
Говорить гап задан, гуфтан.
Годный боб, мувофиқ, муносиб.
Годный к военной службе ба хизмати ҳарбӣ мувофиқ.
Голень соқ, соқи по.
Голова сар.
Голова колонны сари колонна, қисми аз пеш равандаи колонна.
Головка снаряда нӯги снаряд.
Головка спускового крючка сараки камонаки милтиқ: сараки камонаки милтиқи нимавтомат, ки барои бо камонак васл кардани фишанги тирхоликунак хизмат мекунад.

Головокружение сарчарха, саргарангӣ.
Голод гушнагӣ, гуруснагӣ.
Голодный гушна, гурусна.
Голос овоз, садо.
Голосование овоздиҳӣ.
Голубь почтовый кабӯтари номабар.
Голубой нилобӣ, осмониранг.
Гора кӯҳ.
Горение сӯзиш.
Гореть сӯхтан.
Горизонт уфуқ.
Горизонталь горизонталь: хатҳое, ки дар картаи топографӣ ду нуқтаи дар як дарҷаи баландӣ бударо ба ҳам мепайванданд.
Горизонтальный горизонталӣ, уфуқӣ.
Горло гулӯ.
Горловина гулӯ.
Горнист карнайчӣ.
Город шаҳр.
Горючее сӯзишворӣ.
Госпиталь госпиталь: касалхонаи ҳарбиҳо.
Госпиталь полевой госпитали даштӣ, госпитали назди фронт.
Госпиталь эвакуационный госпитали эвакуационӣ: госпитале, ки аз вай аскарони мачрӯҳ таксим шуда ба госпитальҳои ақибгоҳ фиристонида мешаванд.
Господство ҳукмронӣ, болодастӣ, афзалият.

Господство в воздухе ҳукмронӣ дар ҳаво, афзалият дар қувваҳои ҳавоӣ.
Господство на море ҳукмронӣ дар баҳр, афзалият дар қувваҳои баҳрӣ.
Господствующий класс синфи ҳукмрон.
Гостиница меҳмонхона.
Государственный давлатӣ.
Государственный Комитет Обороны Союза ССР Комитети Давлатии Мудофиаи Союзи РСС.
Государственный переворот табаддулоти давлатӣ.
Государство давлат.
Государство империалистическое давлати империалистӣ.
Государство социалистическое давлати социалистӣ.
Готовить тайёр кардан.
Готовиться тайёр шудан, тайёрӣ дидан.
Готовность тайёрӣ, ҳозир будан.
Готовность боевая тайёрии ҷангӣ, ба ҷанг тайёр будан.
Готовность мобилизационная ба мобилизация тайёр будан.
Готовый тайёр.
Градус градус, дараҷа.
Граната граната.
Граната бронебойная гранатаи зиреҳшикан.
Граната дымовая гранатаи дудпош.

Граната ружейная гранатаи милтиқӣ.
Граната ручная гранатаи дастӣ.
Граната брассирующая гранатаи рахшанда: гранатае, ки аз паси худ асари шӯъладиҳандае мегузорад.
Граната фугасная гранатаи фугасӣ: гранатае, ки бо қувваи газҳои аз таркиш пайдо мешудагиаш амал мекунад.
Граната химическая гранатаи химиявӣ.
Гранатомёт гранатомёт, гранатаандоз.
Гранатомётчик гранатаандоз, гранатапарто.
Граница сарҳад, ҳудуд.
Граница государственная сарҳади давлатӣ, ҳудуди давлатӣ.
Граница морская сарҳади баҳрӣ, ҳудуди баҳрӣ.
Граница сухопутная сарҳади хушкӣ, ҳудуди хушкӣ.
Грань нареза рахи чок *(дар мили милтиқ)*.
График график: ҷадвали кор.
График движения графики ҳаракат, графики гашт.
Гребень горы теғаи кӯҳ.
Гребень затвора теғаи затвор.
Грести бел задан.
Грива лошади ёли асп.
Громкоговоритель карнаи радио.
Грохот гулдуррос.

Грудь сина, сари сина.
Груз бор.
Грузить бор кардан.
Грузовик автомобили боркашӣ.
Грузоподъёмность қувваи борбардорӣ.
Грунт хок.
Группа гурӯҳ, тӯда, даста.
Группа автоматчиков гурӯҳи автоматчиён.
Группа артиллерийская дастаи артиллерӣ.
Группа дегазационная гурӯҳи дегазациякунанда.
Группировать гурӯҳ-гурӯҳ кардан, даста-даста кардан.
Группироваться гурӯҳ-гурӯҳ шудан, тӯда-тӯда шудан.
Группировка 1) тӯдашавӣ, гурӯҳ-гурӯҳшавӣ; 2) *нигар ба* группа.
Гусеница *(танка, трактора)* тасмачарх.
Гусеничный тасмачарх.

Д

Да здравствует! зинда бод!
Давление тазъиқ, фишор.
Давление атмосферное фишори атмосферӣ, тазъиқи ҳаво.
Дальномер масофасанҷ.
Дальность дурӣ, масофа.
Дальность огня масофаи расидани тир.

Дальность полёта масофаи парвоз, дурии парвоз.
Дальность стрельбы масофаи тирпарронӣ.
Дамба дамба, банд, пешбанди об.
Дать задний ход пас рафтан, ақибнокӣ рафтан *(дар бораи машина)*.
Дать осечку тир набаровардан.
Дать отпуск отпуск додан.
Дать полный газ суръати тамом додан.
Дать шпоры маҳмез задан.
Двигатель двигатель, машинаи ҳаракатдиҳанда.
Двигаться ҳаракат кардан, рафтан.
Движение ҳаракат, ҷумбиш.
Движение в походном порядке ҳаракат бо тартиби походӣ.
Движение железнодорожное ҳаракати роҳи оҳан.
Движение обходное ҳаракати фарогузарӣ, ҳаракати давродавр.
Движение партизанское ҳаракати партизанӣ.
Движение фланговое ҳаракат ба сӯи фланг.
Двуколка дучарха.
Двухколейный путь роҳи духатта.
Двухместный дуҷоя, дукаса.
Двухмоторный думотора.
Двухстволка думила.
Двухствольный думила.

Девиация девиация: кач рафтани акрабаки компас бо таъсири оҳани наздикбуда.
Дегазатор дегазациякунанда.
Дегазация дегазация: аз моддаҳои заҳрнок тоза кардани ҷойҳои заҳролудшуда.
Дегазировать дегазация кардан.
Дежурить навбатдорӣ кардан.
Дежурный навбатдор, навбатчӣ.
Дежурство навбатдорӣ, навбатчигӣ.
Дежурить навбатдорӣ кардан.
Дезертир дезертир, гурезпо, аскари гуреза.
Дезертировать дезертирӣ кардан, гурезпоӣ кардан.
Дезертирство дезертирӣ, гурезпоӣ.
Дезинфекция дезинфекция: ба воситаи ашёҳои махсус барҳам додани микробҳои зараровар.
Дезинфицировать дезинфекция кардан.
Действие 1) *(деятельность)* ҳаракат, амал; 2) *(влияние)* таъсир.
Действие ОВ таъсири моддаҳои заҳрнок.
Действие совместное ҳамкорӣ, амалиёти якҷоя.
Действительность огня масофаи таъсири тир.
Действительный ҳақиқӣ.
Действие авиации амалиёти авиация.
Действия боевые амалиёти ҷангӣ.
Действия военные амалиёти ҳарбӣ.
Действия враждебные амалиёти душманона.

Действия оборонительные амалиёти мудофиавӣ.
Действия самостоятельные амалиёти мустақиллона.
Действия совместные амалиёти якҷоя.
Действовать 1) амал кардан, ҳаракат кардан; 2) таъсир кардан.
Действующий амалкунанда.
Делать перевязку бастан, латтабанд кардан.
Делать привал дар аснои роҳ дам гирифтан.
Делегат делегат, вакил.
Делегация делегация, ҳайъати вакилон.
Делить тақсим кардан.
Дело кор, амал.
Дело артиллерийское кори артиллерӣ.
Дело лётное кори ҳавопаймоӣ, ҳавопаймоӣ.
Дело стрелковое кори тирандозӣ, тирандозӣ.
Демобилизация демобилизация: озодкунӣ (озодшавӣ) аз хизмати ҳарбӣ.
Демобилизовать демобилизация кардан, аз хизмати ҳарбӣ озод кардан.
Демобилизоваться демобилизация шудан, аз хизмати ҳарбӣ озод шудан.
День рӯз.
Депо паровозное депои паровоз: биное, ки дар он паровоз ва вагонҳо меистанд ва ремонт карда мешаванд.
Дерево-земляная огневая точка *(ДЗОТ)* **нук-**

таи оташфишонӣ аз чӯб ва хок сохташуда *(ДЗОТ)*.

Деревня қишлоқ, деҳа.

Дерево 1) дарахт; 2) чӯб *(строительный материал)*.

Деревянный чӯбӣ, чӯбин, тахтагӣ.

Держава давлат, мамлакат.

Держава морская давлати баҳрӣ.

Деривация деривация: аз хатти нишонгирӣ ба рост майл кардани тири яроқҳои чокмил дар вақти паридан, чунки чокҳои даруни мил аз чап ба рост печ хӯрда мераванд.

Дёрн чим, чимтол.

Десант десант: 1) аскарфурорӣ; 2) аскари фуровардашуда *(аз киштӣ ё самолёт)*.

Десант воздушный *нигар ба* авиадесант.

Десант морской десанти баҳрӣ: дастаи аскарон, ки бо киштӣ бурда ба соҳили ақибгоҳи душман фуроварда мешавад.

Десант парашютный десанти парашютчиён: дастаи аскарон, ки ба ақибгоҳи душман бо парашют фуроварда мешавад.

Десант танковый десанти танкӣ: қисми аскароне, ки бо танк бурда ба ақибгоҳи душман фуроварда мешаванд.

Деталь ҷузъ, қисм.

Детонатор детонатор: пистонак ё пилтае, ки барои таркондан ба кор бурда мешавад.

Детонатор дополнительный детонатори иловагӣ.

Детонация детонация: таркиши якбора ва харобкунандаи моддаҳои тарканда, ки бе истеъмоли тарконак дар натиҷаи таркидани заряд ё тири тӯпи дигари дар наздаш будагӣ ҳосил мешавад.

Детонировать детонация кардан.

Дефект нуқсон, камбудӣ.

Дефиле дара, тангно.

Дефилировать бо намоиш ва дабдаба гузаштан.

Дешифровать шифрро хондан, хатти рамзиро хондан.

Дешифровка хондани шифр, хондани хатти рамзӣ.

ДЗОТ ДЗОТ: *нигар ба* дерево-земляная огневая точка.

Диаметр диаметр, қутр.

Диверсант диверсант: ҷосӯси давлати хориҷӣ, ки бо мақсадҳои тарконданва харобкардани объектҳои ҳарбӣ ва саноатӣ ба ақибгоҳ фиристода мешавад.

Диверсия диверсия: 1) амалиёти ҷангӣ, ки дар беруни майдони ҷанги асосӣ бо мақсади ба дигар тараф кашидани қувваи душман карда мешавад; 2) коре, ки аз тарафи диверсантҳо дар ақибгоҳи душмани онҳо карда мешавад.

Дивизион дивизион: қисми аскарони артиллерӣ ва танкчӣ, ки дар артиллерия аз 2—3 батарея ва дар аскарони танкчии назди дивизияҳои аскарони савора аз 2—3 эскадрон иборат аст.

Дивизион артиллерийский дивизиони артиллерӣ.

Дивизион кавалерийский дивизиони аскари савора.

Дивизия дивизия: иттиҳодияи аскарӣ, ки иборат аз як чанд полк аст.

Дивизия авиационная дивизияи авиационӣ.

Дивизия артиллерийская дивизияи артиллерӣ.

Дивизия моторизированная дивизияи моторӣ.

Дивизия пехотная дивизияи аскарони пиёда.

Дивизия стрелковая дивизияи тирандозон.

Дизентерия дизентерия: исҳоли хунин.

Диктатор диктатор: ҳукмрони мутлақ.

Диктатура диктатура: ҳокимияти номаҳдуди давлат, ки ба қувваи синфи ҳукмрон такья мекунад.

Диктатура пролетариата диктатураи пролетариат.

Динамит динамит: моддаи тарканда, ки бисьёртар дар корҳои кӯҳканӣ ва ҳарбӣ ба кор бурда мешавад.

Динамо *нигар ба* динамомашина.

Динамомашина динамомашина: машинае, ки қувваи электрик ҳосил мекунад.

Дирижабль дирижабль: киштии ҳавой, ки ба воситаи гази аз ҳаво сабук парида машинаи ҳаракаткунанда ва пропеллер дорад.

Диск-магазин ручного пулемёта лаълии тирдони пулемёти дастӣ.

Дислокация дислокация: 1) ҷобаҷошавии аскар дар ягон кишвар; 2) ҷобаҷошавии аскар дар фронт.

Диспетчер диспетчер: коргаре, ки ҳаракати поездҳоро, истеъмоли қувваи электрикро дар станцияи электрик ва корҳои истеҳсолотии ягон фабрик ё заводро ба воситаи сигналу ишоратҳои махсус мунтазам мекунад.

Дистанция дистанция, фосила, масофа.

Дисциплина интизом, тартиб.

Дисциплинированный боинтизом, ботартиб.

Длина дарозӣ.

Длинный дароз.

Длинным—коли! зарбаи дароз! *(команда барои сарнайзазанӣ).*

Дневальный навбатдор, навбатчӣ.

Доблесть далерӣ, диловарӣ.

Доброволец фидой, аскарии ихтиёрӣ.

Добровольно бо ихтиёри худ.

Добыча (*трофеи*) ғанимат.

Довольствие таъминоти озуқавӣ ва пӯшокӣ.
Довольствие вещевое таъминоти пӯшокӣ.
Довольствие денежное таъминоти пулӣ.
Довольствие провиантское таъминоти озуқавӣ.
Договор договор, шартнома.
Договор мирный сулҳнома, шартномаи сулҳ.
Договор о ненападении договори ҳуҷумнакунӣ.
Догонять таъқиб кардан, расидан.
Дождевик ҷомаи боронӣ.
Дождь борон.
Дозор дозор: пешқаровул, дидбон.
Дозор боковой дозори паҳлугӣ.
Дозор головной дозори марказӣ.
Дозор парный пешқаровули дунафарӣ.
Дозорный 1) мансуб ба дозор; 2) дидбон, пешқаровул.
Докладывать арз кардан, маълум кардан, хабар додан.
Доктор доктор.
Долг *(обязанность)* вазифа.
Долг гражданский вазифаи граждани.
Долговременная огневая точка *(ДОТ)* ДОТ: нуқтаи оташфишони дарозмуддат.
Долгота *(географическая)* тӯл.
Должность вазифа.
Долина водӣ, дара.

Донесение маълумот, хабар.
Допрашивать допрос кардан, пурсидан.
Допризывник допризивник: шахсе, ки синнаш ба даъват наздик аст.
Допрос допрос, пурсиш.
Дорога роҳ.
Дорога военная роҳи ҳарбӣ.
Дорога горная роҳи кӯҳӣ.
Дорога грунтовая роҳи хокӣ.
Дорога железная роҳи оҳан.
Дорога железная узкоколейная роҳи оҳани камбар.
Дорога железная ширококолейная роҳи оҳани сербар.
Дорога лесная роҳи беша, роҳи аз беша мегузаштагӣ.
Дорога мощёная роҳи сангфарш.
Дорога непроезжая роҳи ногузар.
Дорога проезжая роҳи гузар.
Дорога просёлочная роҳи байни қишлоққо, роҳи кӯчабоғӣ.
Дорога труднопроходимая роҳи мушкилгузар.
Дорога шоссейная роҳи шоссе, роҳи сангфарш.
До свидания то дидан, хайр.
Доска тахта.
Доставка почты расонидани почта.
Доставка продовольствия расондани озуқа.

Доставка снарядов (патронов) расондани тири тӯп (*тирхо*).
Доставлять расондан.
Достигать расидан.
Досягаемость дастраси.
ДОТ ДОТ: *нигар ба* долговременная огневая точка.
Древко знамени дастаи байроқ, ходаи байроқ.
Дрезина дрезина: аробаи чорчархаест, ки дар роҳи оҳан ба воситаи қувваи даст ва ё мотор мегардад.
Дробить майда кардан, пора-пора кардан.
Дробиться майда карда шудан, пора-пора карда шудан.
Дробовик милтиқи сочма.
Дробь сочма.
Дружина дружина, даста.
Дружина боевая дружинаи ҷангӣ.
Дружина санитарная дружинаи санитарӣ.
Дружинница дружинница: зане, ки аъзои дружинаи санитарӣ мебошад.
Дуло даҳанаи мили милтиқ, тӯп ва ғайра.
Дульце гильзы даҳанаки гильза.
Дух боевой рӯҳи ҷангӣ.
Дуэль артиллерийская тӯпарронии дутарафа.
Дым дуд.
Дыхание нафас, нафасгирӣ, нафаскашӣ.
Дюралюминий дюралюминий: металли омеҳ-

таест, ки аз алюминий, 4% мис ва чанд моддаҳои дигар иборат аст ва дар техника, махсусан дар авиация, истеъмол мешавад.

Е

Единица войсковая қисми қўшун.
Единица тактическая воҳиди тактикӣ: қисми қўшун, ки ба сари худ ҷанг карда метавонад (*масалан рота, эскадрон ва ғайра*).
Единодушие якдилагӣ, ҳамраъй.
Единодушно бо як дилу ҷон, бо ҳамраъй.
Единоначалие яккасардорӣ.
Единство ягонагӣ.
Единый фронт фронти ягона.
Ёж (*проволочное заграждение*) ғави симхорбасти кўчонда мешудагӣ.
Езда (*верховая*) аспсаворӣ, саворагардӣ.
Ездить верхом савор рафтан, асп савор шудан.
Ездовой тўпкаш: саворае, ки ду аспи ба тўп қатӣ кардашударо идора мекунад.
Ёмкость ҳаҷм, гунҷоиш, зарфият.
Ёршик щетинный лифча.
Естественный табиӣ.
Есть! хуб! ба чашм!

Ж

Жажда ташнагӣ.
Жалованье моҳона, моҳиёна, маош.

Жаловаться шикоят кардан.
Железный оҳанӣ, оҳанин.
Железо оҳан.
Железобетон метин, оҳану бетон.
Жёлтый зард.
Жердь хода.
Жеребёнок той.
Жеребец аспи нар, айғир.
Жеребьёвка қуръапартой.
Жерло пушки даҳони тӯп.
Жертва қурбон.
Жесть тунука.
Жечь сӯхтан.
Живот шикам.
Животное ҳайвон.
Жидкость обакӣ, моеъ.
Жилище хона, истиқоматгоҳ.
Житель аҳолӣ, аҳл.
Жить зиндагӣ кардан, зистан, истиқомат кардан.

З

Забастовка корпартой.
Заблудиться роҳ гум кардан.
Забоины пачақ, чои задашуда.
Заболеть касал шудан, бемор шудан.
Забор девор.
Забросать гранатами гранатаборон кардан.
Заведующий мудир.

Завеса дымовая пардаи дуд: дуди бисьёре, ки аскар ва ё объекти ҳарбиро аз душман пинҳон мекунад.
Завеса огневая оташфишонии пурзӯр барои мудофиа аз ҳуҷуми душман.
Завеса тумана туман.
Завладевать соҳиб шудан, ба даст даровардан.
Завладеть *нигар ба* завладевать.
Завод завод.
Завод авиационный заводи авиационӣ, заводи аэроплансозӣ.
Завод автомобильный заводи автомобилсозӣ.
Завод военный заводи ҳарбӣ.
Завод конный заводи асппарварӣ.
Завод оружейный заводи аслиҳасозӣ.
Завод патронный заводи тирсозӣ.
Завод пороховой заводи борут.
Заводить мотор моторро ба ҳаракат овардан.
Завоевание фатҳ; истило.
Завоеватель фотеҳ; истилогар.
Завоевать *нигар ба* завоевывать.
Завоёвывать фатҳ кардан; истило кардан.
Завтра пагоҳ, фардо, рӯзи дигар.
Завязаться (*о бое*) сар шудан.
Заговор забоньяккунӣ, созиши пинҳонӣ барои сӯи қасд.

Загораться даргирифтан.
Загореться *нигар ба* загораться.
Заградитель минный киштии минагузор.
Заграждение роҳбандӣ, монеа, ғав.
Заграждение воздушное монеаи ҳавоӣ.
Заграждение огневое монеаи оташфишонӣ.
Заграждение минное монеаи минагӣ.
Заграждение проволочное монеаи симхор.
Заграждение противотанковое монеаи зиддитанкӣ.
Задание супориш.
Задача вазифа.
Задача боевая вазифаи ҷангӣ.
Задержаться *нигар ба* задерживаться.
Задерживать доштан, дастгир кардан.
Задерживать дыхание нафас набаровардан.
Задерживать противника пеши роҳи душманро доштан.
Задерживаться 1) дошта шудан; 2) андармон шудан.
Задержка 1) (*при стрельбе*) таъхир *(дар тирпарронӣ)*; 2) (*в движении*) таъхир, андармоншавӣ *(дар ҳаракат)*.
Задохнуться нафаспеч шуда мондан.
Задушить буғӣ кардан, хафа кардан.
Задыхаться ба зӯр нафас кашидан, тангнафас шудан.
Зажечь *нигар ба* зажигать.
Заживать сиҳат шудан.

Зажигательный сӯзонанда, даргиронанда.
Зажигать даргирондан.
Зажить *нигар ба* заживать.
Заземление ба замин пайвандкунӣ, ба замин пайвандшавӣ *(дар соҳаи радио)*.
Заземлять ба замин пайванд кардан.
Зазор шикоф, рахна.
Закладывать мину мина гузоштан.
Заклёпка 1) парчинкунӣ; 2) мехи парчин.
Заключённый маҳбус, бандӣ.
Закон қонун.
Закон о воинской повинности қонуни маҷбурияти ҳарбӣ.
Законный қонунӣ.
Закрепиться на занятой позиции дар позицияи ишғол кардашуда мустаҳкам шудан.
Закрытие паноҳгоҳ.
Заложить мину *нигар ба* закладывать мину.
Заложник гаравӣ, одами гаравӣ.
Заманить в засаду ба дом андохтан.
Замаскированный маскировка кардашуда.
Замаскировать маскировка кардан, бо чизе пӯшонда аз назар ғоиб кардан.
Замедлитель таъхиркунонак.
Заменить ствол милро иваз кардан.
Замерзать ях кардан, аз хунукӣ шах шудан, ях бастан.
Замёрзнуть *нигар ба* замерзать.
Заместитель муовин, ҷонишин.

Заметить *нигар ба* замечать.
Замешательство ошуфтагӣ, саросемагӣ.
Замечать 1) дидан; 2) нишон кардан, қайд кардан, пай бурдан.
Замещать 1) иваз кардан, бадал кардан; 2) муовин будан.
За мной! аз паси ман!
Замóк орудия қулфи тӯп.
Замыкающий дар қатор аскари охирин *(нигар ба направляющий)*.
Занимать ишғол кардан, гирифтан.
Заниматься машғул шудан.
Занятие 1) машғулот, машғулият, кор; 2) ишғолкунӣ.
Занятия военные машғулоти ҳарбӣ.
Занять *нигар ба* занимать.
Запад ғарб.
Западня дом.
Запал василаи таркониш, даргиронак.
Запас 1) *(вещей, продовольствия)* захира; 2) *(разряд войск)* запас: қисми гражданҳои хизмати ҳарбӣ адо кардагӣ ва инчунин гражданҳои дар вақташ хизмати ҳарбӣ накардагӣ ва аз синни даъватшаванда калон шудагӣ, ки то ба охири синну сол аскарӣ дар қайди ҳарбӣ меистанд.
Запас неприкосновенный захираи эҳтиётӣ: захирае, ки фақат дар мавриди фавқулодда зарурӣ ба кор бурда мешавад.

Запасник аскари запас.
Запасной (*запасный*) 1) шахси дар запас бӯда; 2) эҳтиётӣ.
Запах бӯй.
Запереть *нигар ба* запирать.
Запирать қулф кардан, пӯшондан, маҳкам кардан.
Записка увольнительная озодхат, рухсатнома.
Заправить дуруст кардан, ба тартиб овардан.
Заправка горючим бо сӯзишворӣ пур кардан.
Запрягай! аспонро бандед! (*ба ароба*).
Заря (*сигнал*) 1) карнаи субҳ; 2) карнаи дуюми бегохӣ, ки як соат пеш аз карнаи хоб дода мешавад.
Заряд тир, тиру доруи тӯп ва дигар яроқҳои оташфишон, заряд.
Заряд дроби заряди сочма: миқдори сочмае, ки ба як парроиш ба кор меояд.
Заряд разрывной гранаты доруи тарконандаи граната.
Заряд пороха заряди доруи милтиқ: миқдори доруи милтиқ, ки ба як парроиш ба кор меояд.
Зарядить *нигар ба* заряжать.
Зарядка утренняя гимнастикаи пагоҳӣ.
Заряжаемый с дула даҳанпур.

Заряжаемый с казны думболапур.
Заряжай! тир ҷой кун!
Заряжание тирҷойкунӣ, тирпуркунӣ.
Заряжать тир ҷой кардан, тир пур кардан.
Засада 1) камингоҳ, камин; 2) аскари камин-нишин.
Засека монеа: дарахтони буридашудае, ки монеи роҳгузар мешаванд.
За спину! ба пушт! *(команда барои ба пушт гирифтани милтиқ).*
Застава застава: қаровулхонаи сарҳаддӣ.
Заставить *нигар ба* заставлять.
Заставлять маҷбур кардан.
Застать врасплох дар ғафлат ёфтан.
Застрелить бо тир зада куштан.
Затвор затвор, қулфи милтиқ: механизми қулф-кунанда дар милтиқ ва дар дигар яроқи оташфишон.
Затемнение 1) ториккунӣ; 2) торикӣ, торикистон.
Затонуть ғарқ шудан.
Затопить (*судно*) ғарқ кардан (*киштиро*).
Затопить водой ба зери об мондан, об зер кунондан.
Затыльник винтовки оҳани қундоқи милтиқ.
Захватить *нигар ба* захватывать.
Захватчик забткунанда, ғасбкор, истилогар.
Захватывать 1) забт кардан, истило кардан; 2) ба даст даровардан, гирифтан.

Защита муҳофиза, мудофиа, ҳимоя.
Защитник муҳофизаткунанда, мудофиакунанда, мудофиачӣ, ҳомӣ.
Защитный 1) мудофиавӣ; 2) *(цвет)* ранги хокӣ.
Защищать муҳофиза кардан, мудофиа кардан, ҳимоя кардан.
Защищаться худро мудофиа кардан, худро ҳимоя кардан.
Защищённый мудофиа кардашуда, ҳимоя кардашуда.
Звание мансаб, дараҷа, унвон, ном.
Звание военное унвони ҳарбӣ, номи ҳарбӣ.
Звезда красная ситораи сурх.
Звезда полярная ситораи қутб.
Звено звено: хурдтарин қисми аскарӣ.
Звено авиационное звенои авиационӣ.
Звено пулемётное звенои пулемётчиён.
Звено стрелковое звенои тирандозон.
Звено танковое звенои танкҳо.
Звук овоз, садо.
Звукоулавливатель овозқаппак, овоздорак.
Здравствуйте! салом!
Зеленый *(цвет)* кабӯд, сабз.
Земля замин, хок.
Зиги у коробки противогаза зеҳҳои қуттии противогаз.
Зенит зенит, авҷи фазо.
Зенитка тӯп ё пулемёти зенитӣ.
Зенитчик зенитчӣ, тӯпчии аэропланзан,

Зима зимистон.
Змейка морак.
Знак аломат, нишон,
Знак личный нишони шахсӣ.
Знак опознавательный аломати шиносоӣ, нишона.
Знак отличия нишони ифтихорӣ.
Знак позывной рамзи даъват, рамзи чеғ.
Знак различия аломати тафрика, аломати мансабу дараҷа.
Знаменосец байрақдор.
Знамёнщик байрақдор.
Знамя байрак.
Значение аҳамият.
Зона зона, минтақа.
Зона военная зонаи ҳарбӣ.
Зона нейтральная зонаи бетараф монда.
Зона обстрела зонаи тиррас.
Зона укреплённая зонаи бо истеҳком мудофиа кардашуда, зонаи истеҳкомонидашуда.
Зоркий тезбин, ҳушьёр.
Зубы дандон.

И

Известь оҳак.
Известь хлорная оҳаки хлорӣ.
Изготовка тайёршавӣ.
Измена хиёнат.

Инспектор инспектор, назоратчӣ.
Инструктировать дастуруламал додан, инструкция додан.
Инструктор инструктор.
Инструкция инструкция, дастуруламал.
Инструмент асбоб, олат.
Инструмент шанцевый асбоби хокканӣ, асбоби окопканӣ.
Инструменты музыкальные олати мусиқӣ.
Интендант интендант: шахсе аз командирон, ки бо корҳои хоҷагӣ ва таъминоти аскарӣ машғул мешавад.
Интендантство маъмурияти таъминоти ҳарбӣ.
Интервал фосила.
Интервент интервент, мудохилагари мусаллаҳ.
Интервенция интервенция: мудохилакунии мусаллаҳ.
Интернировать беяроқ карда ҳабс намудан *(аскарони хориҷӣ ва киштиҳои хориҷиро)*.
Информация информация, маълумот, ахборот.
Информбюро информбюро, бюрои информационӣ.
Информировать информация кардан, маълумот додан, ахборот додан.
Иод иод.
Ипподром ипподром: майдони пойга, майдони асптозӣ.

Иприт иприт: моддаи заҳрдори пӯстҷароҳаткунандае, ки бӯи горчица дорад.
Искать ҷустан, кофтан, ҷустуҷӯ кардан.
Искра шарора, оташак.
Искусственный сунъӣ, сохта.
Искусство санъат, ҳунар.
Исполнять ичро кардан.
Исправлять дуруст кардан, ислоҳ кардан.
Испытать *нигар ба* испытывать.
Испытывать 1) озмудан, санҷидан, таҷриб кардан; 2) ҳис кардан, аз сар гузарон дан.
Исследовать тафтиш кардан, тадқиқ кардан.
Истребитель қиркунанда.
Истребитель (*самолёт*) самолёти қиркунанда.
Истребитель танков қиркунандаи танкҳо.
Истребить *нигар ба* истреблять.
Истреблять қир кардан, нобуд кардан.
Итти рафтан, роҳ рафтан.
Итти не в ногу! бо қадамҳои ғайри мунтазам гардед!

К

К ноге! ба пеши по!
К бою—готовсь! ба ҷанг тайёр бош!
К оружию! яроқ гиред!
Кабель кабель: сими ғафси электрикии аз зери замин ё об гузарондашуда.

Кабель телеграфный кабели телеграф, сими ғафси зеризаминии телеграф.

Кабина наблюдателя кабинаи *(хоначаи)* дидбон.

Кавалерист аскари савора.

Кавалерия аскарони савора.

Кадровик кадровик: шахси ҳарбие, ки дар қисмҳои низомии аскарӣ хизмат мекунад.

Кадры кадрҳо: қӯшуни асосӣ; аскарони низомии қисмҳои аскарӣ, ки дар вақти ҷанг бо қуввaҳои запас пурра карда мешавад.

Казарма казарма.

Казённая часть винтовки *нигар ба* патронник.

Казённая часть орудия думболаи мили тӯп.

Казнить қатл кардан, куштан.

Казнь қатл.

Калибр калибр: қутри мили милтиқ, таппонча, тӯп ва ғайра ва андозаи тир.

Каменный сангин.

Камень санг.

Камера автомобильная камераи автомобиль: халтаи резинии даруни чархи автомобиль, ки бо ҳаво пур карда мешавад.

Камера зарядная заряддон, тирдони тӯп.

Камера газовая хоначаи газ *(дар пулемёти дастӣ ДП)*.

Камыши найзор, қамишзор.

Канава ҷӯй, хандақ.
Канал канал, ҷӯйбор.
Канал ствола сӯрохии мили милтиқ ё тӯп.
Канат арғамчини ғафс.
Канонада тӯппарронӣ, овози тӯппарронӣ.
Капельмейстер капельмейстер: сардори музикачиён.
Капитал капитал, сармоя.
Капитализм капитализм.
Капиталист капиталист.
Капитан капитан: 1) сардори киштӣ; 2) дараҷаи аввалини командирони калон.
Капитулировать таслим шудан, амон хостан.
Капитулянт таслимшаванда, таслимчӣ.
Капитуляция таслим, таслимшавӣ.
Капсюль пистонак.
Капсюль взрывателя пистонаки тарконак.
Капсюль-детонатор пистонаки детонатор (*муқоиса кунед бо капсюль взрывателя*).
Карабин карабин, милтиқи милкӯтоҳ.
Карантин карантин: 1) ҷои нигоҳдории касоне, ки аз ҷойҳои касалиҳои гузаранда паҳн шудагӣ омадаанд; 2) мӯҳлате, ки дар ҷои мазкур гузаронида мешавад.
Караул қаровул, посбон.
Караул почётный қаровули фахрӣ.
Караулить қаровулӣ кардан, посбонӣ кардан.
Карбюратор карбюратор: асбобест дар машинаҳои ҳаракатдиҳандаи дарунсӯз, ки сӯ-

зишвориҳои обакиро *(бензин, спирт ва гайраро)* ба омехтаи газмонанди ҳаво ва сӯзишворӣ бармегардонад.

Каретка мотоцикла кареткаи мотоцикл, аробачаи мотоцикл.

Карта авиационная картаи авиационӣ.

Карта географическая картаи географӣ.

Картечь картечь: гулӯлаи пур аз тир аст, ки ба аскарони душман аз масофаи наздик парронида мешавад ва дар вақти кафидан тирҳояш ба ҳар тараф парида талафоти бисьёр мерасонанд.

Картограф картограф, мутахассиси картакашӣ.

Карьер *(аллюр)* чорпоӣ, чорхез *(нигар ба галоп)*.

Каска кулоҳи оҳанин, тоскулоҳ.

Катастрофа шикаст, фалокат.

Катер катер: кемаи моторӣ, буғӣ ва гайра.

Квадрат квадрат, мураббаъ.

Квадратный квадратӣ, мураббаъ.

Квартира хона, квартира.

Квартирьер квартирьер: шахси ҳарбӣ, ки барои аскарон хона меёбад.

Килограмм килограмм.

Километр километр.

Кинжал ханҷар.

Кипеть ҷӯшидан.

Кипятить ҷӯшондан.

Кипяток обиҷӯш.

Кирка зоғнӯл.
Кирпич хишт.
Кирпичик хишт (*аломати дараҷа дар гиребони командирон*).
Кирпичный хиштин.
Кислород кислород.
Кислота кислота, тезоб.
Кладбище қабристон, гӯристон.
Клапан клапан: сарпӯш, сарпӯшак.
Клапан вдыхательный (*противогаза*) клапани нафаскашӣ (*дар противогаз*).
Клапан выдыхательный (*противогаза*) клапани нафасбарорӣ (*дар противогаз*).
Класс синф.
Классовая борьба муборизаи синфӣ.
Клевер 1) юнучқа; 2) (*клеверное сено*) беда.
Климат иқлим, обу ҳаво.
Клинок теғ.
Кличка (*лошади, собаки*) ном.
Ключ калид.
Ключ телеграфный дастаи телеграф.
Ключ шифра тарҷимаи шифр, калиди шифр.
Книжка записная дафтарчаи хотира.
Кобура ғилофи таппонча.
Ковать лошадь аспро наъл кардан.
Кодекс военно-уголовный маҷмӯаи қонунҳои оид ба ҷиноятҳои ҳарбӣ.
Кожух самозарядной винтовки милпӯши милтиқи нимавтомат.

Кожух пулемёта милпӯши пулемёт.
Койка кат.
Колено зону
Колесо чарх, ғилдирак.
Колесо зубчатое чархи дандонадор, ғилдираки дандонадор.
Коли! зан! халон! *(команда дар ҷанги найзагӣ).*
Количество миқдор, андоза.
Колодец чоҳ, қудуқ,
Колодка прицельная таҳкурсии нишонгирак.
Колонна *(войск)* колонна, фавҷи аскарӣ.
Колонна по два колоннаи дунафарӣ: дукаса қатор шуда рафтани аскар.
Колонна по одному колоннаи якнафарӣ: якяк паси ҳамдигар қатор шуда рафтани аскар.
Колонна походная колоннаи походӣ.
Колоть халондан.
Колпачёк қалпоқча.
Кольца ложевые ҳалқаҳои ложаи милтиқ.
Кольцо ҳалқа.
Кольцо вытяжное парашюта ҳалқаи камарчаи парашют.
Команда 1) *(приказ)* команда, фармон; 2) *(отряд)* команда, даста.
Команда дегазационная командаи дегазациякунанда.
Команда исполнительная командаи иҷро.

Команда музыкантская командаи музикачиён.
Команда предварительная командаи огоҳӣ.
Команда танка командаи танк.
Команда химическая командаи химикӣ.
Команда хозяйственная командаи хоҷагӣ.
Командир командир, фармондеҳ.
Командир отделения командири отделения.
Командование ҳайъати командирон, ҳаїъати фармондеҳӣ.
Командование высшее ҳайъати олии фармондеҳӣ; командадеҳии олӣ.
Командование главное ҳаїъати командирони олӣ, фармондеҳии олӣ, сарфармондеҳӣ.
Командование младшее ҳайъати командирони хурд.
Командовать команда додан, фармон додан.
Командующий фармондеҳ, командадеҳ.
Комбат комбат *(командири батальон)*.
Комендант комендант.
Комендант города комендanти шаҳр.
Комендор тӯпчии баҳрӣ, тӯпчии киштӣ.
Комиссар комиссар.
Комиссар бригадный комиссари бригада.
Комиссар военный комиссари ҳарбӣ.
Комиссар дивизии комиссари дивизия.
Комиссар народный комиссари халқӣ.
Комиссар полка комиссари полк.
Комиссариат комиссариат.

Комиссия комиссия.
Комиссия врачебная комиссияи тиббӣ.
Комитет комитет.
Коммунизм коммунизм.
Коммуникация коммуникация, робита, алоқа.
Коммунист коммунист.
Коммунистическая партия партияи коммунистӣ.
Коммунистический Союз молодежи Союзи Коммунистии Ҷавонон.
Ко мне! ба назди ман биёед!
Компас компас, қибланамо.
Комплект комплект, даста.
Комплектовать мукаммал кардан, комплект тартиб додан, ташкил додан.
Компрессор компрессор: машинае, ки ҳаво ё дигар газҳоро фишор медиҳад.
Комсостав комсостав, ҳайъати командирон, составии командирӣ.
Комсостав высший ҳайъати командирони олӣ.
Комсостав младший. ҳайъати командирони хурд.
Комсостав средний ҳайъати командирони миёна.
Комсостав старший ҳайъати командирони калон.
Конвенция конвенция: муоҳидаи ду давлат дар бораи ягон масъалаи махсус.

Конверт покет.
Конвоир конвоир, муҳофиз; посбоне, ки маҳбусонро гирифта мебарад.
Конвоировать бо конвоӣ бурдан, посбонӣ карда бурдан.
Конвой дастаи посбонони мушоиаткунанда.
Коневодство асппарварӣ.
Конница аскарони савора.
Конница спешенная аскарони савораи пиёдашуда.
Коновод аспнигоҳдор, аспбон.
Коновязь ғави аспбандӣ.
Конспирация конспирация: махфӣ нигоҳдорӣ.
Конституция конституция, қонуни асосӣ.
Конструкция конструкция, сохт, таркиб.
Консультант консультант, машваратдиҳанда.
Контингент возрастной контингенти синну солҳо: миқдори умумии аҳолии ягон синну соли муайян.
Контрабанда 1) *(занятие)* контрабанда, қочоқчигӣ; 2) *(товар)* моли қочоқ, моли гуреза.
Контрабандист контрабандист, қочоқчӣ.
Контратака контратака, атакаи ҷавобӣ, ҳамлаи ҷавобӣ.
Контрнаступление ҳуҷуми ҷавобӣ.
Контрразведка контрразведка: муассисае, ки бар акси ҷосӯсигарӣ ва пропагандаи душ-

ман кор карда, худаш ҳам дар ақибгоҳи душман кори разведка мебарад.

Контроль тафтиш, таҳқиқ, назорат.

Контрреволюция контрреволюция.

Контрудар зарбаи ҷавобӣ.

Контуженный латхӯрда.

Контузия контузия, лат, зарба.

Конфискация мусодира.

Конфликт ҷанҷол, низоъ.

Концентрация 1) ҷамъкунӣ, ҷамъшавӣ, фароҳамоварӣ, фароҳамоӣ; 2) дараҷаи ғализӣ.

Концентрация газов ғализ кардани газ, ғализшавии газ.

Концентрация войск ҷамъкунии қӯшун, ҷамъшавии қӯшун.

Концентрировать 1) фароҳам овардан, ҷамъ кардан; 2) ғализ кардан, ғализонидан.

Концентрироваться 1) фароҳам омадан, ҷамъ шудан; 2) ғализонида шудан, ғализ шудан.

Концессия имтиёз.

Концлагерь концлагерь: *нигар ба* лагерь концентрационный.

Конь асп.

Конюх саис, аспбон.

Конюшня саисхона, аспхона.

Координаты координатҳо: камияте, ки вазъияти ягон нуқтаро дар сатҳ ва ё фазо муайян мекунад.

Координировать созиш кунондан, мутобиқ кунондан.
Копать кофтан, кандан.
Копи кон.
Корабль киштӣ.
Кордон 1) дастаи сарҳадчиён; 2) қатори дастаҳои махсуси аскарӣ, ки барои мудофиаи мамлакат дар ҳамаи роҳҳои душман гузошта мешавад.
Коричневый ҷигарӣ, ҷигариранг.
Коробка куттӣ.
Коробка магазинная *нигар ба* магазин.
Коробка ствольная затвордон: қисми охири мили милтиқ, ки дар он аз боло затвор ва аз поён камонаку тирдон ҷо мегиранд.
Короткий кӯтоҳ.
Коротким-коли! зарбаи кӯтоҳ! *(команда барои сарнайзазанӣ)*
Короче шаг! бо қадамҳои кӯтоҳ!
Корпус 1) *(воинская часть)* корпус: иттиҳодияи олии аскарӣ, ки аз чанд дивизия иборат аст; 2) (*остов*) бадана.
Корпус кавалерийский корпуси саворагон.
Корректировать стрельбу тирандозиро ислоҳ кардан, яъне хато рафтани тирро ба назар гирифта оташро рост ба ҳадаф равона кардан.
Корреспондент мухбир.

Кортик ханҷар, селоба: ханҷари борик, ки мансабдорони флоти баҳрӣ ё ҳавоӣ ба миён меовезанд.
Котелок дегча.
Котловина пастӣ, чуқурии калон.
Красная армия Армияи Сурх.
Красноармеец аскари сурх.
Красногвардеец гвардиячии сурх.
Краснофлотец флотчии сурх.
Красный сурх.
Красный крест салиби сурх.
Красный полумесяц ҳилоли аҳмар.
Крейсер крейсер: киштии калони тезрави ҷангӣ.
Крейсировать 1) дарьёгардӣ кардан; 2) дар қисми муайяни баҳр бо киштиҳои ҷангӣ посбонӣ ва дидбонӣ кардан.
Крен майлон: майлони киштӣ дар об ва майлони аэроплан дар ҳаво.
Крепкий сахт, мустаҳкам, маҳкам, устувор.
Крепость қалъа, истеҳком.
Крепостной мансуб ба қалъа, мансуб ба истеҳком.
Крестьянин деҳқон.
Кривой каҷ.
Кричать фарьёд кардан, дод задан.
Кровотечение хунравӣ.
Кроки нақшаи бо чашмдид кашидашуда *(дар топография)*.

Круг давра, доира.
Круг спасательный доираи начот.
Кругом! ба қафо гард!
Кружка кружка.
Кружок стрелковый кружоки тирандозӣ.
Круп лошади сағрии асп.
Крупнокалиберный калонкалибр.
Крыло бол, қанат.
Крыло самолёта қанати самолёт.
Крышка корпуса гранаты сарпӯшаки баданаи граната.
Крючек спусковой камонаки милтиқ.
Кто идет? кист?
Кубик чоргӯша *(аломати дараҷа дар гиребони командирон).*
Кузнец оҳангар, наългар.
Кузница оҳангархона, коргоҳи оҳангарӣ.
Кузов автомобиля баданаи автомобиль, нишастгоҳи автомобиль.
Курок куланг.
Курс хатти ҳаракат *(оид ба аэроплан ё киштӣ).*
Курсант курсант.
Курсы курс.
Курьер чопар, хатбар, қосид.
Кустарник бутта, буттазор.
Кусты буттаҳо.
Кухня ошхона, ошпазхона.
Кухня походная ошхонаи сафарӣ.

Кучность попадания дараҷаи ба як ҷо расидани тирҳо.

Л

Ладонь кафи даст.
Лагерь лагерь.
Лагерь концентрационный лагери концентрационӣ: ҷое, ки дар он маҳбусон ва асирон нигоҳ дошта мешаванд.
Лазарет *нигар ба* госпиталь.
Лазарет полевой *нигар ба* госпиталь полевоӣ.
Лазутчик ҷосӯс, хабарбиёр, гапгир.
Лафет аробаи тӯп.
Лебёдка ғарғара.
Левофланговый дар фланги чап будагӣ, дар ҷиноҳи чап будагӣ, оид ба фланги чап, оид ба ҷиноҳи ҷап.
Левый чап.
Лёгкий сабук.
Легковоспламеняющийся зуд даргиранда.
Лёд ях.
Ледокол киштии яхшикан.
Лежать 1) дароз кашидан, дароз кашида хобидан; 2) воқеъ шудан.
Лекало лекало: ҷадвали махсус барои кашидани хатҳои кач.
Лекарство дору, дорувор, даво.
Лекпом (*лекарский помощник*) лекпом: ёридиҳандаи доктор.

Ленинизм ленинизм.
Ленинская комната хонаи ленинӣ: клуби хурд дар назди қисми аскарӣ.
Лента пулемётная тасмаи пулемёт.
Лес ҷангал, беша.
Лестница нардбон, пиллапоя.
Летать парвоз кардан, паридан.
Летний тобистонӣ.
Лётный мансуб ба ҳавопаймоӣ, барои ҳавопаймоӣ мусоид.
Лето тобистон.
Лётчик лётчик, аэропланчӣ, ҳавопаймо.
Лётчик-испытатель лётчики самолётсанҷ.
Лётчик-наблюдатель лётчики дидбон.
Лечить муолиҷа кардан, табобат кардан.
Ликвидировать барҳам додан, нест кардан.
Линкор линкор: бузургтарин киштии ҳарбӣ.
Линия хат; қатор.
Линия береговая хатти соҳил.
Линия береговая обороны хатти мудофиаи соҳил, қатори истеҳкомҳои соҳил.
Линия боевая хатти ҷанг, хатти пеши ҷанг, сафи пеши ҷанг.
Линия боевого охранения пешхатти мудофиа.
Линия воздушная роҳи ҳавоӣ, роҳи самолёт.
Линия дозоров қатори дозорҳо.
Линия железнодорожная хатти роҳи оҳан.

Линия заграждений қатори монеаҳо, хатти монеаҳо.
Линия исходная хуруҷгоҳ.
Линия коммуникационная роҳи алоқа.
Линия оборонительная хатти мудофиа.
Линия обороны хатти мудофиа.
Линия огня доираи тиррас, майдони ҷанг.
Линия окопов қатори окопҳо, хатти окопҳо.
Линия передовая хатти пеш, қатори пеш.
Линия полёта снаряда хатти парвози тири тӯп.
Линия прицеливания хатти нишонгирӣ.
Линия телеграфная хатти сими телеграф.
Линия цели хатти нишонгирӣ.
Лист варақ, тахта.
Листовка варақа.
Литр литр.
Лицо рӯй, чеҳра, симо, башара.
Личинка боевая сараки затвори милтиқ.
Личный шахсӣ, хусусӣ.
Лишний барзиёд.
Ловить дошта гирифтан, дастгир кардан, қапидан.
Ловушка дом.
Лодка қаиқ, заврақ, киштӣ.
Лодка подводная киштии зериобӣ.
Ложа винтовки ложаи милтиқ, чӯби милтиқ.
Ложбина сой, сои хурд, соїча.
Ложись! дароз каш!

Ложка қошуқ.
Ложный бардурӯғ.
Лозунг шиор.
Локоть орунч.
Лопасть кафи бел, кафи қошуқ ва ғайра.
Лопата бел.
Лошадь асп.
Лошадь верховая аспи саворӣ.
Лошадь упряжная аспи ароба.
Лощина пасхамӣ, хамӣ.
Луг чаман, марғзор.
Лужа кӯлмак.
Лука седельная қоши зин.
Лыжи лижа.
Лыжник лижагард.
Люизит люизит: моддаи равғанмонанди захрнок, ки дерпоянда ва бурранг буда, бӯи алафи герань дорад ва пӯстро чароҳат мекунад.

М

Магазин ружья, пулемёта тирдони милтиқ, пулемёт ва ғайра.
Магистраль магистраль: 1) хатти асосии роҳ; 2) қубур ё сими асосӣ дар системаи электрик, телеграф, телефон, водопровод ва ғайра.
Магнит магнит, оҳанрабо, микнотис.
Маневр маневр: 1) ҳаракати лашкар дар май-

дони ҷанг, чапғалатдиҳӣ; 2) ҷанги хомакӣ.

Маневренность маҳорати маневркунӣ, маҳорати чапғалатдиҳӣ, маҳорат дар зуд пайдо кардани вазъияти қулай барои аскарони худ.

Маневрировать маневр кардан, чапғалат додан.

Маневры *нигар ба маънои 2-юми* маневр.

Манеж манеж: майдон ё иморати махсус барои омӯхтани асптозӣ.

Марксизм марксизм.

Марля дока.

Мародер ғоратгари майдони ҷанг.

Марш марш, гашт.

Марш! гард!

Маршрут маршрут: роҳи пешакӣ муайян кардашудаи сафар.

Маскировать маскировка кардан.

Маскироваться худро маскировка кардан.

Маскировка маскировка: бо ҳар хел усул аз чашми душман ниҳон кардани худ, объектҳои ҳарбӣ, иморатҳо ва ғайра.

Маскировка естественная маскировкаи табиӣ.

Маслёнка равғанандозак.

Масло оружейное равғани милтиқ.

Мастер оружейный яроқсоз.

Мастерская устохона, корхона.

Масштаб масштаб, миқьёс.
Материальная часть винтовки қисмҳои винтовка.
Матрос матрос: аскари баҳрӣ.
Маяк маяк: фонуси роҳнамои баҳрӣ, ки дар болои бурҷҳои махсус гузошта мешавад.
Медаль медаль.
Медаль „За боевые заслуги“ медаль „Барои хизматҳои ҷангӣ“.
Медаль „За отвагу“ медаль „Барои шуҷоат“,
Медаль „Золотая звезда“ медаль „Ситораи тилло“.
Медикаменты дорувор.
Медицина медицина: илми тиб.
Медицинский медицинӣ, тиббӣ.
Медпомощь ёрдами медицинӣ.
Медпункт пункти медицинӣ.
Медный мисин.
Медь мис.
Международный байналхалқӣ.
Мелинит мелинит: яке аз моддаҳои зӯри тарканда.
Мелкий 1) *(о частях)* хурд; 2) *(о реке)* паст.
Мелкокалиберный майдакалибр.
Мель ҷои пасти дарьё ё баҳр.
Мельница осиё.
Мера 1) *(мероприятие)* чора, чорабинӣ, тадбир; 2) *(измерения)* андоза.
Меридиан меридиан: хатти тӯл.

Местность ҷой, маҳал, мавқеъ.
Местность гористая кӯҳсор.
Местность лесистая ҷои сербеша, ҷои серҷангал.
Местность незнакомая ҷои номаълум, ҷои ношинос.
Местность непроходимая ҷои гузашта намешудагӣ, ҷои ногузар.
Местность открытая ҷои кушод.
Местность пересечённая ҷои ноҳамвор, ҷои пасту баланд.
Местность равнинная ҷои ҳамвор, даштӣ.
Местность труднопроходимая ҷои душвор-гузар.
Местность удобопроходимая ҷои осонгузар.
Местность холмистая ҷои сертеппа.
Место ҷой, маҳал, мавқеъ.
Местоположение мавқеъ, ҷой, ҷои воқеъшавӣ.
Месторасположение *нигар ба* местоположение.
Металл металл, маъдан.
Металлический металлӣ, маъданӣ.
Метание гранаты гранатаандозӣ, гранатапартоӣ.
Метать андохтан, партофтан, ҳаво додан.
Метеорология метеорология: илми боду ҳаво.
Меткий 1) нишонзан, ростзан; 2) нишонзанона, рост, мерганона.

Меткость стрельбы ростравии тир, ба нишон задани тир.
Метр метр.
Метр квадратный метри квадратӣ, метри мураббаъ.
Метр кубический метри кубӣ, метри мукаъаб.
Механизм спусковой механизми тирбарор.
Механизация механизация: механиконидан ва механиконида шудани ягон соҳа.
Механизированный механиконидашуда.
Механизировать механиконидан.
Механизироваться механиконида шудан.
Механизм механизм.
Механизм подающий механизми тиррасон, ки тирро аз тирдон ба мили милтиқ, пулемёт ва ҳоказо мерасонад.
Механик механик.
Механический механикӣ.
Мешать 1) *(затруднять)* халал расондан; 2) *(смешивать)* омехтан.
Мешок ҷувол, халта.
Мешок вещевой борхалта, кулвор.
Микроскоп микроскоп, заррабин.
Милитаризация милитаризация: ҳарбикунонӣ, ба манфиатҳои ҳарбӣ мутеъкунӣ.
Милитаризм милитаризм: 1) политикаи давлатҳои империалистӣ, ки бо мақсади забт кардани заминҳо, колонияҳо ва бозорҳои

нав ба зиёд кардани қудрати ҳарбӣ нигаронида шудааст; 2) ҳукмронии политикии ҳарбиён дар баъзе мамлакатҳои капиталистӣ.

Миля миля: андозаи дарозии роҳ, ки дар мамлакатҳои гуногун меъёри гуногун дорад.

Миля географическая (*или немецкая = =7420 м*) миляи географӣ (*ё немецӣ, ки ба 7420 метр баробар аст*).

Миля морская (*или английская=1852 м*). миляи баҳрӣ (*ё англисӣ, ки ба 1852 метр баробар аст*).

Мина мина: тири тарканда, ки ба воситаи ҳар хел яроқ аз қабили тӯп, минаандоз ва ғайра парронида мешавад ё ки дар ҷои даркорӣ гузошта шуда худ аз худ меткад.

Мина автоматическая минаи автоматӣ, минаи худтарк: минае, ки ба воситаи механизми дохилиаш дар муддати муайян худаш мекафад.

Мина глубинная минаи қаъриобӣ: минае, ки дар чуқурии муайяни дарьё ва баҳр рафта мекафад.

Мина пловучая минаи шиновар.

Мина подводная минаи зериобӣ.

Мина противотанковая минаи танкзан.

Мина фугасная минаи фугасӣ (*нигар ба* бомба фугасная).

Минёр миначӣ, минагузор.
Минирование минагузорӣ.
Минировать мина гузоштан.
Миномёт миномёт: аслиҳаи минаандоз.
Миномётчик миномётчӣ, минаандоз.
Миноносец киштии минаандоз.
Мир (*вселенная*) дунъё, ҷаҳон, олам.
Мир (*спокойствие*) сулҳ, осоиш.
Миролюбивый сулҳдӯст, сулҳдӯстона.
Мишень нишон, ҳадаф.
Мобилизация мобилизация, сафарбарӣ, сафарбаркунӣ.
Мобилизовать мобилизация кардан, сафарбар кардан.
Модернизация навкунӣ (*мукаммалкунӣ дар асоси техникаи нав*).
Модернизировать нав кардан, мукаммал кардан.
Молниеносный баркмонанд, барквор.
Молоток болға, чаккуш.
Молчание хомӯшӣ.
Молчать хомӯш будан.
Моноплан моноплан: аэроплани якқаната.
Море баҳр.
Море открытое баҳри кушод.
Мореходство баҳргардӣ, дарьёгардӣ, дарьёнавардӣ.
Мороз сармо, хунукӣ, аёс.
Моряк дарьёнавард, дарьёгард.

Мост пул, кӯпрук.
Мост железнодорожный пули роҳи оҳан, кӯпруки роҳи оҳан.
Мост понтонный пули понтон: тахтапули аз болои қатораи қаиқҳо гузаронидашуда.
Мото-механизированный мото-механиконидашуда.
Мотор мотор.
Моторизация моторизация: ба таври васеъ кор фармудани автомобилҳо ва моторҳо.
Моторизированный моторӣ, моторизация кардашуда.
Моторизировать моторизация кардан, моторонидан.
Моторист моторчӣ.
Мотоцикл мотоцикл.
Мотоцикл с коляской мотоцикли сечарха, мотоцикли аробачадор.
Мотоциклист мотоциклрон.
Мощность қувват, қудрат, зӯр.
Мощь қудрат, зӯр, иқтидор.
Мощь боевая қудрати ҷангӣ.
Мужественный мардонавор, мардона.
Мужество мардонагӣ, мардӣ.
Мул хачир.
Мускул мушак.
Муфта муфта: зуғӯтачаи оҳанин, ки барои ба ҳамдигар пайванд кардани қисмҳои цилиндрии машинаҳо кор фармуда мешавад.

Муфта направляющая зуғӯтачае, ки рост ба пеш рафтани зарбазанакро таъмин мекунад.
Муфта шомпольная дастаи сумба, қабзаи сумба.
Мушка қаровулаки милтиқ.
Мушка с намушником қаровулаки милтиқ бо ҳалқааш.
Мыс димоға, бинӣ.
Мышьяк марги муш.

Н

На плечо! ба кифт!
На ремень! ба кифт овез! (*фармон барои бо тасма ба кифт овехтани милтиқ*).
Набег тохтутоз.
Наблюдатель дидбон, мушоҳидачӣ.
Наблюдать дидбонӣ кардан, мушоҳида кардан.
Наблюдение дидбонӣ, мушоҳида.
Набор в войска аскаргирӣ.
Наводить мост кӯпрук сохтан, пул сохтан, пул бастан.
Наводить (*орудие*) рост кардан, тӯғрӣ кардан (*тӯпро ба нишона*), нишон гирифтан.
Наводка росткунӣ, тӯғрикунӣ, нишонгирӣ.
Наводка вертикальная нишонгирии вертикалӣ, нишонгирии амудӣ.

Наводка горизонтальная нишонгирии горизонталӣ, нишонгирии уфуқӣ.
Наводка прямая нишонгирии рост.
Наводнение обхез, обзеркунӣ.
Наводчик нишонгир.
Наводчик орудийный тӯпчии нишонгир.
Навык малака.
Навьючивать бор кардан.
Нагайка қамчин.
Нагель нагель: мехест, ки барои мустаҳкам нигоҳ доштани қисми чӯбии милтиқ хизмат мекунад.
Награда мукофот.
Награждать мукофот додан, мукофотонидан.
Нагружать бор кардан.
Надевать пӯшидан, пӯшондан.
Надеть противогазы! противогазро пӯшед!
Надеть штык! сарнайзаҳо ба сари милтиқ! *(фармон барои ба сари милтиқ гузаронидани сарнайзаҳо).*
Надзор назорат, назораткунӣ.
Надолба яккамех; яккамехи сангин, оҳанин ва ғайра, ки ҳамчун монеа ба муқобили танк гузошта мешавад.
Нажим фишор, тазъиқ.
Наземный рӯизаминӣ, хушкигард.
Название ном.
Назначать таъин кардан.
Наказание ҷазо.

Наказывать ҷазо додан.
Накапливание ба як ҷо ғунҷонӣ, ҷамъоварӣ.
Накапливать ғундоштан, ҷамъ кардан.
Накладка дульная милгузорак: наи чӯбӣ ё ки маъданиест, ки дар вақти тоза кардани мили милтиқ онро мегузоранд, то ки даҳани мили милтиқ харошида нашавад.
Накладка ствольная болочӯбии милтиқ.
Наконечник нӯг, ғилофак.
Налево! ба чап!
Налево равняйсь! ба чап баробар шавед!
Налёт тохт, ҳамла, ҳуҷум.
Налёт воздушный ҳуҷуми ҳавоӣ.
На месте шагом марш! як ҷо истода поӣ кӯбед!
Наметить *нигар ба* намечать.
Намечать муайян кардан.
Наносить поражение шикаст додан.
Наносить на карту ба карта даровардан, дар карта нишон додан.
Наносить удар зарба расондан, задан.
Наносить урон зарар расондан, талафот расондан.
Нападать ҳуҷум кардан, ҳамла кардан.
Нападающий ҳуҷумкунанда, ҳамлакунанда.
Нападение ҳуҷум, ҳамла.
Нападение воздушное ҳамлаи ҳавоӣ, ҳуҷуми ҳавоӣ.

Нападение химическое ҳуҷум бо восилаҳои химикӣ, ҳуҷуми химикӣ.
Напасть *нигар ба* нападать.
На первый и второй—расчитайсь! дутагӣ шумаред!
Направить *нигар ба* направлять.
Направление 1) самт, тараф, сӯй, ҷониб; 2) равонакунӣ, росткунӣ.
Направление ветра самти шамол.
Направлять равона кардан, нигаронидан, рост кардан.
Направляющий аскари дар сари қатор мерафтагӣ (*нигар ба* замыкающий).
Направо! ба рост!
Направо равняйсь! ба рост баробар шавед!
Напрягать силы қувваҳоро як ҷо ҷамъ кардан.
Напряжение шиддат, тарангӣ, қувват.
Нарез чок, чокҳои даруни мили милтиқ ё тӯп.
Нарезной чокдор.
Народный Комиссар Обороны СССР Комиссари Халқии Мудофиаи СССР.
Народный Комиссариат Обороны СССР— Комиссариати Халқии Мудофиаи СССР.
Нарушать вайрон кардан, риоя накардан.
Нарушить *нигар ба* нарушать.
Наряд наряд: 1) дастаи аскарон, ки ба онҳо вазифаи махсус супурда шудааст; 2) ичрои вазифаи махсус, вазифаи махсус.

Наряд внеочередной наряди ғайринавбатӣ.
Население аҳолӣ.
Население гражданское аҳолӣ.
Населённая местность ҷои аҳолинишин.
Населённый пункт пункти аҳолинишин.
Насилие ҷабр, зӯрӣ, зулм.
Насильно ҷабран, бо зӯр.
Наскочить бархӯрдан.
Насос насос, обдуздак
Наставление дастур.
Настичь даррасидан, расида гирифтан.
Настроение аҳволи рӯҳия, кайфият.
Наступательный ҳуҷумовар, ҳуҷумоварона.
Наступать ҳуҷум кардан, ҳуҷум овардан.
Наступление ҳуҷум.
Насыпь железнодорожная хокпуштаи роҳи оҳан, хокрези роҳи оҳан.
Находиться будан, воқеъ шудан.
Начальник сардор.
Начальник караульный сардори қаравулон.
Начальник непосредственный сардори бевоситаи наздик.
Начальник прямой сардори бевосита.
Национальный миллӣ.
Национальность миллият.
Нация миллат.
Начало сар, оғоз, ибтидо, саршавӣ.
Начсостав состави сардорикунанда, состави сардорон.

Начсостав высший состави сардорони олӣ, состави сардорикунандагони олӣ.
Начсостав младший состави сардорони хурд, состави сардорикунандагони хурд.
Начсостав средний состави сардорони миёна, состави сардорикунандагони миёна.
Начсостав старший состави сардорони калон, состави сардорикунандагони калон.
Нашествие ҳуҷум, истило.
Нашивка нишон, аломат: порчаи мато, ки барои фарқнок кардани рутба ва мансабҳои ҳарбиён ба остин часпонда мешавад.
Неблагоприятный номусоид, нокулай, нобоб.
Небоеспособный ба ҷанг нокобил.
Невидимый нонамоён, аз назар ғоиб.
Невмешательство мудохиланакунӣ.
Невнимательность бедиққатӣ.
Невозможный номумкин, аз имкон берун.
Негодность корнооӣ, нобобӣ.
Негодный ба кор намеомадагӣ, нобоб.
Неделя ҳафта.
Недисциплинированность беинтизомӣ.
Недолёт ба нишон нарасида дар ҳимаи рох мондани тир.
Недопустимый нораво, ноҷоиз.
Недостаточность норасоӣ.
Недоуздок нӯхта.
Независимость истиқлолият.

Незаметно ба таври номаълум, пинҳонӣ.
Незащищённый беҳимоя, мудофиа кардана-шуда, кушод.
Неизбежно ногузирона, ногузир.
Неизбежный ногузир.
Неизвестный номаълум.
Нейтрализовать 1) бе асар кардан, бе таъсир гардондан; 2) бетараф гардондан.
Нейтралитет нейтралитет, бетарафӣ.
Нейтральный бетараф.
Немедленно дарҳол, фавран, зуд.
Немой гунг, лол.
Ненависть кина, адоват, нафрат.
Ненападение ҳуҷумнакунӣ.
Ненастье боронда гӣ.
Необеспеченный таъмин карданашуда.
Необходимость зарурият.
Неожиданный ногаҳонӣ, номунтазирона.
Непобедимый мағлубнашаванда.
Неподвижный бехаракат, ноҷумбон.
Непоколебимость устуворӣ, матинӣ.
Непоколебимый устувор, матин.
Непосредственный бевосита.
Непредвиденный пешбинӣ карданашуда, ногаҳонӣ.
Непреодолимый бартараф карда намешудагӣ, дафънопазир.
Непрерывный беист, муттасил, пай дар пай.
Непригодный ба кор намеомадагӣ, нобоб.

Неприступный дастнорас.
Неприятель душман, хасм, адӯ.
Непробиваемый пулей тирногузар.
Непромокаемый обногузар, боронӣ.
Непроницаемый ногузар.
Непроницаемый для света рӯшноиногузар.
Непроходимый ногузар, гузаштанашаванда, касногузар.
Нержавеющий зангназананда.
Неровный (*о местности*) ноҳамвор, пасту баланд.
Несгораемый насӯзанда, оташногузар.
Нести караульную службу қаровулӣ кардан, посбонӣ кардан.
Нестойкие ОВ ОВ-и дернапоянда, ОВ-и зудпар.
Нестроевик хизматчии ҳарбии ғайринизомӣ.
Нестроевой ғайринизомӣ.
Неустрашимый нотарс, бебок,
Нефтехранилище амбори нефть, махзани нефть.
Нефть нефть.
Низина хамӣ, пастӣ.
Никель никель: металли душворгудози нуқрафом.
Нитроглицерин нитроглицерин: моддаи обакии равғанмонанди тарканда, ки аз омехтаи глицерин ва туршии азоту гӯгирд иборат аст.

Нога пой.
Нож корд.
Ножницы қайчӣ, микроз.
Ножны ғилоф.
Номер рақам, шумора.
Номер (*у орудия, у пулемёта*) номер: аскари ба тӯп ё ба пулемёт хизмат мекардагӣ.
Норд 1) шимол; 2) боди шимолӣ.
Норма норма: миқдори муқаррар, меъёр.
Нос бинӣ.
Носилки замбар, сароча.
Носки пайпоқ, ҷӯроб.
Носок нӯги по.
Ночевать шаб хобидан, шаб гузарондан.
Ночлег ҷои шабхобкунӣ, ҷои шабгузаронӣ, манзили шабмонӣ, бошишгоҳ.
Ночь шаб.
Ночной шабона.
Нужды военные эҳтиёҷоти ҳарбӣ.
Нумеровать рақам гузоштан.
Нырять ғӯта задан.
Нюхать бӯй кашидан.

О

Обвал фурӯғалтӣ, тарма.
Обвал снежный тарма.
Обезвреживать бе зарар кардан.

Обеззараживать бесироят кардан, микроби касалии гузарандаро куштан.
Обезопасить бехатар кардан.
Обезоруживать беяроқ кардан.
Обеспечение таъминот.
Обеспе́чивать таъмин кардан.
Обеспечить *нигар ба* обеспечивать.
Обкладывать иҳота кардан, фаро гирифтан.
Облако абр.
Облако газовое абри газ.
Облако дымовое абри дуд.
Область вилоят.
Обледенение яхбандӣ, саросар яхбандӣ.
Обледенеть ях бастан, саросар ях бастан.
Обложить *нигар ба* обкладывать.
Обмануть *нигар ба* обманывать.
Обманывать фиреб додан.
Обмороженный хунукзада, сармозада.
Обморозить хунук занондан, сармо занондан.
Обмотки пойпеч.
Обмундирование пӯшок, либос.
Обмундиро́вывать бо пӯшок (либос) таъмин кардан.
Обмундировать *нигар ба* обмундировывать.
Обнаруживать ошкор кардан, зоҳир кардан.
Обнаружить *нигар ба* обнаруживать.
Обнаружить себя худро зоҳир кардан, худро маълум кардан.

Обод гардиш, чамбарак.
Обоз корвони ароба, қофилаи ароба.
Обойма шонаи тир.
Обойти *нигар ба* обходить.
Оболочка ҷилд.
Обоняние бӯйфаҳмӣ, ҳисси шомма.
Оборона мудофиа.
Оборона активная мудофиаи активона.
Оборона береговая мудофиаи соҳилӣ.
Оборона воздушная мудофиаи ҳавоӣ.
Оборона противовоздушная мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ.
Оборона противохимическая мудофиаи зидди ҳуҷуми химиявӣ.
Оборона противотанковая мудофиаи зиддитанк.
Оборонительный чехол гранаты ғилофи мудофиавии граната.
Обороноспособность қобилияти мудофиакунӣ.
Обороноспособный қобили мудофиа.
Оборонять мудофиа кардан.
Обороняться худро мудофиа кардан.
Обороняющийся худро мудофиакунанда.
Оборудование таҷҳизот, асбоб.
Обочина дороги канораи роҳ, канори роҳ.
Обрыв ҷар, ҷарӣ, партгоҳ.
Обрывистый ҷаридор.
Обстановка вазъият, шароит.

Обстоятельство ҳолат, вазъият.
Обстрел тирборон.
Обстрел артиллерийский тирборони артиллерӣ, тӯппарронӣ.
Обстрел фланговый тирборони флангӣ, тирборон ба фланг.
Обстреливать тирборон кардан, ба зери тир гирифтан.
Обувь поӣабзол.
Обучаемый таълимгиранда, омӯзанда.
Обучать таълим додан, хондан, омӯхтан.
Обучаться таълим гирифтан, хондан, омӯхтан.
Обучающий таълимдиҳанда, омӯзгор, муаллим.
Обучение таълим, омӯзиш.
Обучение строевое таълими низомӣ.
Обученный таълимгирифта, омӯхта.
Обучить *нигар ба* обучать.
Обход аз паҳлу гузарӣ, фарогузарӣ, давр зада баромадан.
Обходить аз паҳлу гузаштан, давр зада гузаштан.
Обшивка тахтабандӣ ё оҳанпӯшии баданаи киштӣ.
Общественный ҷамъиятӣ.
Общество ҷамъият.
Общность умумият, муштарак будан.
Объект объект, чиз, мавзуъ.

Объём ҳаҷм.
Объявление эълон.
ОВ (*отравляющие вещества*) ОВ (*моддаҳои заҳрнок*).
ОВ капельножидкие ОВ-и қатрагӣ.
ОВ кожно-нарывное ОВ-и пӯст ҷароҳаткунанда.
ОВ нестойкое ОВ-и нопойдор, ОВ-и зудпар.
ОВ общего действия (*общеядовитые*) ОВ-и пуртаъсир, ОВ-и пурзиён: ОВ-е, ки ба ҳама аъзои кас таъсири бад мекунад ва зиёни ҳартарафа дорад.
ОВ слезоточивые ОВ-и ашковар.
ОВ стойкое ОВ-и дерпоянда.
ОВ удушающее ОВ-и буғикунанда, ОВ-и хафакунанда.
ОВ чихательное ОВ-и атсаовар.
ОВ ядовитые ОВ-и заҳрдор.
Овраг сой, оббурда.
Огнемёт огнемёт, оташпош.
Огнеприпасы лавозимоти ярокҳои оташфишон (*патрон, тири тӯп ва ғайра*).
Огнетушитель оташкушак.
Огонь 1) оташ; 2) тирпарронӣ, оташфишонӣ.
Огонь! оташ! паррон!
Огонь автоматический тирпарронӣ аз автоматҳо.
Огонь артиллерийский тирпарронии артиллерӣ, тӯппарронӣ.

Огонь беглый оташфишонии тунду тез.
Огонь беспорядочный тирпарронии бетартиб.
Огонь действительный тирпарронии пуртаъсир: тирпарроние, ки дар муддати кӯтоҳ ба душман бештар талафот мерасонад.
Огонь заградительный оташфишонии пеши роҳ гиранда.
Огонь кинжальный тирпарронии барқвор: тирпарроние, ки барои рад кардани атакаи душман баноҳост ва аз ҷои пинҳон карда мешавад.
Огонь навесный тирпарронии муқаввас: тирпарроние, ки дар он тири тӯп дар ҳаво бо хатти камонӣ парида аз болои сар рост меафтад.
Огонь настильный тирпарронии рост.
Огонь орудийный тӯппарронӣ.
Огонь пулемётный тирпарронии пулемёт, пулемётпарронӣ.
Огонь ружейный тирпарронии милтиқ, милтиқпарронӣ.
Огонь сосредоточенный тирпарронии фароҳам овардашуда: тирпарроние, ки бо ҳар хел воситаҳои оташфишонӣ аз позицияҳои гуногун ба як нуқта нигаронида мешавад.
Огонь фланговый оташфишонӣ ба фланг.
Огонь фланкирующий *нигар ба* огонь фланговый.

Огонь фронтальный тирпарронии ҷабҳагӣ.
Одежда либос, пӯшок.
Одежда защитная 1) либоси мудофиа (*либоси аскарӣ, ки ба ранги муҳит ҳамранг буда аскарро аз чашми душман пинҳон медорад*); 2) либоси муҳофиза (*либосе, ки аз моддаҳои заҳрдор нигоҳ медорад*).
Одежда противоипритная либоси зидди иприт.
Одержать победу ғалаба кардан, ғолиб омадан.
Одеяло 1) (*байковое, шерстяное*) кампал; 2) (*стёганое*) кӯрпа.
Одиночный якка, танҳо.
Одноколейный якхатта.
Одноконный якаспа.
Одноместный якҷоя, якодама.
Одномоторный якмотора.
Одноэтажный якқабата.
Ожог сӯхта, сӯзиш.
Озеро кӯл.
Ознакомить с задачей вазифаро фаҳмондан.
Ознакомиться шинос шудан, ошно шудан, фаҳмидан.
Оказывание помощи ёрӣ расондан, ёридиҳӣ, мададрасонӣ.
Оказывать помощь ёрӣ расондан, ёрӣ додан, мадад расондан.

Оказывать сопротивление муқобилат кардан, муқобилият нишон додан.
Окапывание окопканӣ.
Окапывать окоп кандан.
Окапываться ба худ окоп кандан.
Оккупант истилогар, ишғолкунанда.
Оккупационный мансуб ба истилогар, истилогарона, мансуб ба ишғолкунанда, мансуб ба ишғол.
Оккупация истило, ишғол.
Оккупировать истило кардан, ишғол кардан.
Окоп окоп, сангар, шинак.
Окоп стрелковый окопи тирпарронӣ.
Окоп для стрельбы стоя окоп барои рост истода тир парронданн.
Окрестности атроф, гирдогирд, ноҳия.
Округ округ.
Округ военный округи ҳарбӣ.
Окружать иҳота кардан, печонда гирифтан, фаро гирифтан.
Окружение иҳотакунӣ, печондагирӣ, фарогирӣ.
Опасность хатар, хавф.
Опасный хатарнок, хавфнок.
Оперативный оперативӣ, мансуб ба рафти ҷанг.
Операция 1) (*военная*) амалиёт; 2) (*хирургическая*) операция, ҷарроҳӣ.
Операция наступательная амалиёти хуҷум.

Операция оборонительная амалиёти мудофиавӣ.

Оперение хвостовое думи самолёт: пархои думи самолёт, ки барои мувозинат ва дар ҳаво рост дошта шудани самолёт ва идораи он ба кор меоянд.

Оперировать 1) амалиёти ҳарбӣ гузаронидан; 2) операция кардан, ҷарроҳӣ кардан.

Ополченец аскари халқ.

Ополчение қӯшуни халқ.

Оправиться! ихтиёр! (*командае, ки ба аскарон барои аз саф набаромада худро ба тартиб овардан ихтиёр медиҳад.*)

Оправляться худро дуруст кардан, худро ба тартиб овардан.

Опрашивать пурсидан, пурсуков кардан.

